**АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

УДК: 342.51 (575.3)
ББК: 67.99 (2Т)
И - 32

**ИЗАТУЛЛОЗОДА ПАЙРАВИ НУСРАТУЛЛО**

# ВАЗЪИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚИИ МАҚОМОТИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ

**ДУШАНБЕ – 2023**

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Диноршоҳ Азиз Мусо** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, муовини аввал,муовини директори иҷроия оид ба илм, инноватсия ва муносибатҳои байналмилалии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе

**Каримов Ҳусейн Мухторович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии "**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**" (вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд)

Ҳимояи диссертатсия санаи «28» апрели соли 2023 соати 10:30 дар маҷлиси Шурои диссертатсионии 6D.KOA-044 назди Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, к. С. Носир, 33 толори Шурои диссертатсионии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия дар китобхона ва сомонаи расмии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон www.apa.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «_____»_______________соли 2023 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Рустамзода Ҷ.Ю.**

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Қабули Конститутсияи ҶТ саҳифаи навро ба рушди кишвар боз намуда, тағйироти куллиро дар ҳама соҳаҳои давлатию ҷамъиятӣ ба бор овард. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз медоранд, “Қонуни асосӣ бо иродаи мардуми кишвар қабул гардида, сохти давлатдории навини тоҷиконро ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муайян намуд”[1].

Конститутсияи ҶТ ба ташаккули низоми нави ҳокимияти давлатӣ ва рушди ниҳоди президентӣ дар ҶТ заминаи ҳуқуқӣ гузошт. Конститутсияи ҶТ Президенти ҶТ-ро ҳамчун сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия(Ҳукумат) эътироф намудааст. Бинобар ин, Президенти ҶТ дар низоми ҳокимияти давлатии кишвар мавқеи муҳим дорад. Мақом ва нақши Президенти ҶТ дар таъмини рушду инкишоф ва суботи соҳаҳои дахлдори давлатию ҷамъиятӣ муҳим арзёбӣ гардида, тибқи талаботи Конститутсияи кишвар ҳамчун ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти давлатӣва ҳамкории онҳо эътироф мегардад.

Эълон доштани бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва соҳибихтиёр дар Конститутсияи ҶТ ва инчунин, арзиши аз ҳама воло эътироф гардидани ҳуқуқу озодиҳои шахс дар он аз мақомоти дахлдори давлатӣ тақозо менамояд, ки бо мақсади ҳифз, риоя ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таъмини волоияти қонун, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа тадбирҳои судманд андешида, механизми кафолати воқеии таъмини онҳоро ба вуҷуд оранд[2]. Дар иртибот бо қабули Конститутсияи ҶТ ва рушди ниҳоди президентӣ, ҳокимияти иҷроияи кишвар низ дар шакли нисбатан нав ташаккул ёфта, ҷиҳати амалисозии он тадбирҳои гуногун таҳия ва роҳандозӣ гардиданд. Яке аз мақомоте, ки бевосита бо ташаккули ниҳоди президентӣ, ҳамзамон тарҳи ҷадиди ҳокимияти иҷроия дар ҶТ алоқаманд аст, ин мақомоти назди Президенти ҶТ мебошад. Ташкили чунин мақомот дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ниҳоди нисбатан нав маҳсуб меёбад, чунки дар таҷрибаи фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияи Тоҷикистон ташкил ва амали чунин мақомот ҷой надошт. Бо ҳамин мазмун, ташкили мақомоти назди Президенти ҶТ шакли нави мақомоти идоракунии давлатӣ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии кишвар буда, бо мазмун, табиат ва вазъи ҳуқуқии худ аз дигар мақомоти идоракунии давлатӣ тафовут доранд.

[1] Паёми Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 23 апрели соли 2014, шаҳри Душанбе. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/194 (санаи муроҷиат: 16.11.2022).
[2] Паёми Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 4 апрели соли 2003, шаҳри Душанбе. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/194 (санаи муроҷиат: 16.11.2022).

Мақомоти назди Президенти ҶТ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ҶТ ҷойгоҳи хосса доранд, ки иштироки онҳо дар ин низом бо вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур вобаста аст. Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ имкон медиҳад, ки ҷой ва таъйиноташон дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти идоракунии давлатӣ ва иштироки онҳо дар муносибатҳо ва фазои маъмурӣ-ҳуқуқӣ муайян карда шавад. Мақомоти назди Президенти ҶТ дар доираи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии худ татбиқи вазифаҳоро тавассути амалисозии ваколатҳои муқарраргардида дар самтҳои дахлдор, иҷрои муқаррароти қонунгузорӣ тавассути механизмҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ, ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шахсон, ҳамкорӣ бо дигар мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои давлатию ҷамъиятӣ ва дар маҷмуъ татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаҳои дахлдорро таъмин менамоянд.

Дар шароити муосир ҷойгоҳ ва нақши мақомоти назди Президенти ҶТ дар низоми мақомоти идоракунии давлатӣ аз ҳар ҷиҳат меафзояд, чунки вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур давра ба давра рушд ва такмил ёфта, аҳаммияти онҳо дар иҷрои вазифа ва функсияҳои идоракунии давлатӣ ва мусоидат ба амалишавии рисолати ҳокимияти иҷроия дар низоми ҳокимияти давлатӣ афзун гардидааст. Таҷрибаи фаъолияти мақомоти зикршуда шаҳодат медиҳад, ки онҳо дар таъмини амалисозии самараноки ваколатҳое чун хизматрасонии давлатӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳуқуқмуҳофизавӣ, контрол ва назорат ва дигар функсияҳои идоракунии давлатӣ нақши муассир доранд. Бинобар ҳамин, барои расидан ба ҳадафҳои идоракунии давлатӣ, таъмини амалисозии самаранок ва босуботи вазифа ва функсияҳои идоракунии давлатӣ, иҷрои босифати ваколатҳои муқарраргардида, таъмини қонуният, интизом ва тартиботи ҳуқуқӣ дар идоракунии давлатӣ тақозо мегардад, ки вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ рушд ва такмил дода шавад. Рушд ва такмили вазъи маъмурӣ ҳуқуқии мақомоти мазкурро метавон бо омилҳои зерин муайян намуд: рушди асосҳои ҳуқуқии идоракунии давлатӣ; татбиқ ва иҷрои муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор; ба миён омадани функсияҳои нави идоракунии давлатӣ; таъмини амалисозии самараноки ваколатҳои ҳокимиятӣ; тағйирот дар самти шакли ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур; таъмини босуботи қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ; таъмини тартиботи ҳуқуқӣ дар соҳаҳои дахлдор; иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии ҶТ.

Айни замон, вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ аз нигоҳи илми ҳуқуқи маъмурӣ яке аз масъалаҳои мубрам ва таҳқиқталаб ба ҳисоб меравад, чунки паҳлуҳои баҳснок ва муаммоҳо вобаста ба масъалаи болозикр ҳам дар сатҳи қонунгузорӣ ва ҳам дар доираи фаъолияти рӯзмарраи мақомоти мазкур ҷой дорад. Дигар ин ки масъалаи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ дар сатҳи илми ҳуқуқи маъмурии кишвар мавриди таҳқиқ ва баррасии алоҳидаи илмӣ

қарор нагирифта, консепсия ва нуқтаҳои назари илмӣ вобаста ба он таҳия ва пешниҳод нагардидаанд.

Бо назардошти асосҳои зикршуда, масъалаи баррасишаванда аҳаммиятнок эътироф гардида, таҳлил ва таҳқиқи он мубрамияти махсусро касб менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Мавзуи вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ яке аз масъалаҳое мебошад, ки дар сатҳи илми ҳуқуқи маъмурии ватанӣ ба таври пурра таҳқиқ нагардидааст. Аз сабабе ки мақомоти назди Президенти ҶТ баъди ба даст овардaниИстиқлоли давлатии ҶТ ташаккул ёфтаанд, сатҳи таҳқиқи ин масъала дар адабиёти илмии замони Шуравӣ низ ба назар намерасад.

Мавзуи баррасишаванда масъалаҳои гуногунро дар бар мегирад, ки ҷанбаҳои алоҳидаи он аз ҷониби як зумра олимони ватанию хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Натиҷаи фаъолияти илмии олимони ватанӣ дар самти омӯзиш ва таҳлили унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ назаррас мебошанд. Аз ҷумла, таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ аз ҷониби С.И. Иброҳимов, Б.Ҳ. Раззоқов, А.Д. Ғафурзода, Р.Н. Маъруфӣ, А.М. Диноршоҳ, Х. Ойев, Р.Ш. Сотиволдиев, З.М. Ализода, И.А. Имомов, Ҷ.Н. Ҷамшедзода, З.М. Соибов, Б.Ғ. Наимов, Ҳ.М. Каримов, Ҷ.Ш. Қодиров, Ғ.Б. Санавваров, З.М. Раҳматова, С.М. Сулаймонов ва олимони хориҷӣ А.Н. Борисов, Б.В. Россинский, Ю.Н. Старилов, П.П. Глушенко, Г.Б. Романовский, В.И. Кайнов, А.П. Коренев, А.П. Алехин, А.А. Кармолитский, Д.Н. Бахрах, В.Ф. Халипов, Т.В. Шукина, Л.П. Юзков ва дигарон анҷом дода шудаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур вобаста ба унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ аз кори илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ: Б.Ҳ. Раззоқов[3], И.С. Иброҳимов[4], А.Д. Ғафурзода[5], Р.Н.

---

[3] Раззоков Б.Х. Проблемы теории и практики организации исполнительной власти Республики Таджикистан: дис. ... д-ра юрид. наук. – Москва, 2014. – 458 с.; Раззоқов Б.Ҳ. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – сарвари ҳокимияти иҷроия: Монография. – Душанбе: “Ирфон”, 2010. – 355 с.; Раззоков Б.Х. Исполнительная власть Таджикистана: правовые проблемы интитуционального реформирования. – Душанбе: «Ирфон», 2013. – 250 с.; Раззоков Б.Х. Место исполнительной власти в системе государственной власти. // Номаи донишгоҳ. – С. 168-177.; Раззоков Б.Х. Некоторые тенденции развития института исполнительной власти в Таджикистане. // Вестник Тосмкого госуддарственного университета.
– 2012. – №354. – С. 136-142.; Раззоков Б.Х. О реорганизации системы центральных органов исполнительной власти Таджикистана. // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. – 2013. – №2 (54) – С. 16-24.; Раззоков Б.Х. Система исполнительной власти Таджикистана: правовые проблемы организации. // Правовые проблемы укрепления Российской государственности. – Томск, 2006. – С. 67-77.

[4] Иброгимов С.И. Совершенствования правового статуса министерств союзной республики (на примере Таджикской РСС): дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 1984. – 190 с.; Ибрагимов С.И. Основные виды судебного контроля в сфере государственного управления Республики Таджикистан // Контроль и надзор в сфере государственного управления, проблемы и пути совершенствования: материалы науч. практ.конф. / С. И. Ибрагимов. – Душанбе: “Дониш”, 2017. – С. 136-141.

[5] Гафуров А.Д. Формирование и развитие финансового права развивающихся стран: монография. – Душанбе: ТНУ Изд. “Сино”, 2012. – 308 с.; Ғафурзода А.Д., Саъдиев И.З. Ҳуқуқи молиявии ҶТ. Китоби дарсї. – Душанбе: «ЭР-граф», 2021. – 416 с.; Баётов А.Б., Гафуров А.Д. Место и роль функции государства по обеспечению финансовой безопасности в общей системе государственных функций. //

Маъруфӣ[6], А.М. Диноршоҳ[7], Р.Ш. Сотиволдиев[8], Ҷ.Н. Ҷамшедзода[9], Ҷ.Ш. Қодиров[10], Х. Ойев[11], З.М. Соибов[12], Б.Ғ. Наимов[13], Ҷ.Ю. Рустамзода[14], Ҳ.М. Каримов[15], Ғ.Б. Санавваров[16], И.А. Имомов[17], М.С. Сулаймонов[18], Н.Н. Скрипников[19], А.С. Чесников[20], В.Н. Медведов[21], Т.М. Макосейчук[22] Г.Н. Носкова[23], С.А. Авакян[24], В.И. Радченко[25], В.С. Чепиков[26], А.А.

---

Правовая жизнь. – 2016. – №2 (16). – С.110-116.; Гафуров А.Д., Рустамзода Дж.Ю. Развитие государственного финансового контроля в современном Таджикистане: проблемы теории и практики. // Правовая жизнь. – 2016. – №3 (15). – С.89-96.

6 Марифхонов Р.Н. Административно-процессуальное право Республики Таджикистан: концептуальные проблемы современного развития: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2020. – 375.

7 Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан: дис ......канд. юрид. наук. – Душанбе, 2006. – 197.; Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан: автореф. дис … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2006. – 32 с.

8 Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ). – Душанбе: "Империал-Групп", 2014. – 719 с.

9 Джамшедов Дж.Н. Государственная служба Республики Таджикистан (конституционно-правовой аспект): дис..... канд. юрид. наук. – Москва, 2011. – 237 с.

10 Кодиров Дж.Ш. Конституционно-правовые основы организации и деятельности местных исполнительных органов государственной власти в Республике Таджикистан: дис.......канд. юрид. наук. – Душанбе, 2021. – 207 с.

11 Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2013. – 564 с.; Ойев Х. Контрол ва назорат – фишангҳои асосии таъмини қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ. // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2019. – №1 (13). – С. 84-94.; Ойев Х. Омилҳои асосии таъмини реҷаи қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ. // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2018. – №4. – С. 43-52.

12 Соибов З.М. Административно-правовые основы организации и деятельности таможенных органов Республики Таджикистан. Монография. – Душанбе, 2019. – 191 с.

13 Наимов Б.Г. Административно-правовое регулирование разрешительной системы в Республики Таджикистан: дис канд. юрид. наук. – Душанбе, 2021. – 183 с.

14 Рустамзода Д.Ю. Государственный финансовый контроль в сфере бютжетных отношений Республики Таджикистан: организационно-правовые основы. Монография / под. ред. Е.Ю. Грачевой. – Москва: Проспект, 2021. – 224 с.

15 Каримов Х.М. Административно-правовое регулирование ответственности должностных лиц в Республики Таджикистан: автореф. дис … канд. юрид. наук. – Москва, 2015. – 25 с.

16 Санавваров Г.Б., Волков А.М. Административно-правовой статус общественных объединений в Республике Таджикистан: вопросы государственной регистрации. // Вестник Таджикскогогосударственного университета права, бизнеса и политики. – 2013. – №4 (56). – С.26-31.; Санавваров Г.Б. Некоторые аспекты свободного участия граждан в политической жизни государства. – 2011. – №4 (8). – С. 40-46.; Санавваров Ғ.Б., Шукуров Н. Табиати ҳуқуқии назорати маъмурӣ. // Ахбори Донигоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон. – 2020. – №2 (83). – С. 110-120.

17 Имомов А. Ҳуқуқи конститутсионии ҶТ. Китоби дарсӣ – нашри сеюм – Душанбе, 2012. – 495 с.

18 Сулаймонов М.С. Конституционно-правовой статус Президента Республики Таджикистан: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 54 с.; Сулаймонов М.С. Ваколатҳои дискретсионии Президенти ҶТ // Қонунгузорӣ. – 2019. – №4 (36) – С. 30-31.; Сулаймонов М.С. Понятие и классификацияполномочий Президента Республики Таджикистан // Правовая жизнь. – 2017. – №3 (19) – 86-93.

19 Скрыпников Н.Н. Конституционно-правовые основы деятельности Администрации Президента Российской Федерации. // Государственноеи управление. Электронный журнал. – Выпуск №41. – 2013 – С. 185-192.

20 Чесноков А.С. Исполнительная власть в Российской Федерации: теоретико-правовой анализ: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2001. – 179 с.

21 Медведев В.Н. Система исполнительной власти в Российской Федерации: правовые аспекты обеспечения принципа единства: автореф. дис ........канд. юрид. наук. – Москва, 2004. – 22 с.

22 Макосейчук Т.М. Организация системы органов исполнительной власти субъектов Российской Федерации: дис…. канд. юрид. наук. – Челябинск, 2004. – 222 с.

23 Носкова Г.Н. Конституционно-правовые гарантии народовластия и современной России: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2007. – 26 с.

24 Авакьян С.А. Конституционное право России: Учебный курс. 4-е изд прераб. и. Доп. В 2 т. Т. 2. – М.: 2010. – 433 с.

Панов[27], В.В. Дралов[28], В.И. Червонюк[29], В.А. Козбаненко[30], О.А. Князева[31], А.А. Белкин[32], Д.Н. Бахрах[33], А.С. Ускова[34], Ю.И. Мигачев[35], В.Г. Вишняков[36], А.Д. Богатирев[37], В.Я. Кикотя[38], К.В. Черсаков[39], Р.В. Колесов[40] истифода гардидааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ – "Танзими ҳуқуқӣ ва рушди низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар ҶТ" омода карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсиониро баррасӣ намудани вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ, муайян намудани марҳилаҳои ташаккули мақомоти мазкур, ошкор намудани мушкилот ва норасоиҳои ҷойдошта вобаста ба ҷойи мақомоти мазкур дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва салоҳияти ин мақомот дар қонунгузории ҶТ, инчунин таҳия кардани роҳҳои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ташкил медиҳанд.

---

[25] Радченко В.И. Президент Российской Федерации в системе разделения властей: дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 1995.- 153 с.

[26] Чепиков В.С. Правовые основы организации системы президентской власти в Российской Федерации: дис. … канд. юрид. наук. – Саратов, 2003. – 235 с.

[27] Панов А.А. Президент Российской Федерации как гарант государственного единства: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2008. – 218 с.

[28] Дралов В.В. Теоретические и организационно-методологические вопросы совершенствования правового обеспечения управления ОВД: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2001. – 190 с.

[29] Червонюк В.И. Очерк теории государства и права: В 2 ч. – М., 1996. – 232 с.

[30] Козбаненко В.А. Правовое обеспечение статуса государственных гражданских служащих (теоретико-административные аспекты): дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2003. – 598 с.

[31] Князева О.А. Административно-правовые и организационные основы деятельности таможенных органов РФ: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2008. – 201 с.

[32] Белкин А.А. Механизм конституционного воздействия на акты государственно-правового законодательства: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Л., 1983. – 19 с.

[33] Бахрах Д.Н., Российский Б.В., Старилов Ю.Н. Административное право: учебник для вузов. 3-е изд. – М.: Норма, 2008. – 800 с.

[34] Ускова А.С. О соотношении понятий «государственное управление», «исполнительная власть» и «государственная администрация» // Материалы научной конференции «Пробелы в российском законодательстве». – 2016. – С. 248-251.

[35] Мигачев Ю.И., Попов Л.Л., Тихомиров С.В. Государственное управление и исполнительная власть. – М. ИНФРА-М, 2011. – 319 с.

[36] Вишняков В.Г. Система и структура федеральных органов исполнительной власти: теория и практика // Журнал российского права. – 2006. – №8. – С. 67-83.

[37] Богатырев А.Д. Организационно-правовой механизм функционирования исполнительной власти в Российской Федерации // Вопросы студенческой науки. – Выпуск №14. 2017. – С. 45-48.

[38] Кикотя В.Я. Административное право России: учебник для студентов вузов, обучающихся по специальности «Юриспруденция». – М.: ЮНИТИ-ДАНА: Закон и право, 2012. – 510 с.

[39] Черкасов К.В. О вопросе институционализации правового статуса полномочных представителей Президента РФ в федеральных округах // Российская юстиция. – 2006. – №9. – С. 59-60; Черкасов К.В. К вопросу о консультативных и совещательных органах при полномочных представителях Президента Российской Федерации в федеральных округах // Право и политика. – 2007. – № 6. – С. 16-20.

[40] Колесов Р.В., Юрченко А.В. Система государственного финансового контроля РФ: проблемы и перспективы. Монография. – Ярославль: ЯФ МФЮА, 2013. – 100 с.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсадҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар рисола вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– таҳлил намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати ошкор намудани мафҳум, хусусият ва мавқеи мақомоти назди Президенти ҶТ ҳамчун субъекти ҳокимияти иҷроия;

– омӯзиши заминаҳои ҳуқуқии ташкилӣ ва муқаррар намудани марҳилаҳои ташаккули мақомоти наздипрезидентӣ дар ҶТ;

– таҳлили назариявӣ ва амалии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ;

– омӯзиш ва таҳлили асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ ва муайян намудани мутобиқати онҳо;

– таҳлили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва муайян намудани табиати ҳуқуқии салоҳияти мақомоти назди Президенти ҶТ;

– муайян намудани тарзҳои амалишавии вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти ҶТ;

– муайян намудани самтҳои асосии такмили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста ба таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ, аз ҷумла мавқеи онҳо дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, сохтор, тартиби ташкил, шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва салоҳияти мақомоти мазкур ташкил медиҳанд.

**Мавзуи таҳқиқотро** маҷмуи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие ташкил медиҳанд, ки дар танзим намудани фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ нақши назаррас доранд. Ҳамзамон, мавзуи таҳқиқотро дастовардҳои илмӣ, ақида ва нуктаҳои назари олимон вобаста ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур фарогири се давраи асосии ташаккули мақомоти назди Президенти ҶТ мебошад: 1) аз соли 2002 то соли 2006 – дар ин давра бо қабул гардидани фармони Президенти ҶТ “Дар бораи системаи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи ҶТ” аз 4 июли соли 2002, №853 бори аввал_дар низоми мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ “мақомоти назди Президенти ҶТ” ҳамчун мақомоти тобеъ ва ҳисоботдиҳанда ба Президенти ҶТ таъсис дода шуд; 2) аз соли 2006 то соли 2013 – ин давра бо қабули “Стратегияиислоҳоти системаи идоракунии давлатии ҶТ” аз 15марти соли 2006, №1713 оғоз мегардад. Бо мақсади амалӣ гардидани ҳадафҳои Стратегияи мазкур фармони Президенти ҶТ “Дар бораи такмили сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи ҶТ” 30 ноябри соли 2006,
№9 қабул шуд, ки боиси барҳам додани қисми зиёди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ гардид. Минбаъд, бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармони мазкур дар низоми мақомоти назди Президенти ҶТ мақомоти алоҳидаи иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ташкил гардиданд. Санади дигаре,

ки дар ин давра қабул гардид ва то имрӯз дар танзими вазъи ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ нақши муҳим мебозад, ин Қонуни ҶТ “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ” аз 16 апрели соли 2012, №828 мебошад. Аз ин лиҳоз, давраи дуюми ташаккули мақомоти назди Президенти ҶТ-ро давраи васеъ ва муҳимми рушди мақомоти мазкур эътироф намудан мумкин аст; 3) аз соли 2013 то инҷониб – даврае, ки Президенти ҶТ тавассути фармони худ “Дар бораи сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ҶТ” аз 19 ноябри соли 2013, №12 низоми нави мақомоти назди Президенти ҶТ-ро муқаррар намудааст ва то ба ҳол такмили ин низом идома дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар маҷмуъ ташаккул ва инкишофи мақомоти назди Президенти ҶТ-ро дар давраи солҳои 2002-2022 дар бар мегирад. Инчунин, бо мақсади мукаммал гардидани мазмуни таҳқиқот вобаста ба ҷанбаҳои гуногуни таъсис ва фаъолияти мақомоти наздипрезидентӣ таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ – Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Белорусия, Ҷумҳурии Узбекистон ва Ҷумҳурии Қазоқистон истифода гардидааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 2020-2022 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро корҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ, ки масъалаи гуногуни унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқиро дар мисоли мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мавриди таҳлил қарор додаанд, ташкилмедиҳанд. Аз ин рӯ, дар омода намудани рисолаи мазкур вобаста ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ асарҳои олимони ватанӣ, мисли С.И. Иброҳимов, Б.Ҳ. Раззоқов, А.Д. Ғафурзода, Р.Н. Маъруфӣ, А.М. Диноршоҳ, Х. Ойев, Р.Ш. Сотиволдиев, З.М. Ализода, И.А. Имомов, Ҷ.Н. Ҷамшедзода, З.М. Соибов, Б.Ғ. Наимов, Ҷ.Ш. Қодиров, Ғ.Б. Санавваров, З.М. Раҳматова, С.М. Сулаймонов ва олимони хориҷӣ,мисли А.Н. Борисов, Б.В. Россинский, Ю.Н. Старилов, П.П. Глушенко, Г.Б. Романовский, В.И. Кайнов, А.П. Коренев, А.П. Алехин, А.А. Кармолитский, Д.Н. Бахрах, В.Ф. Халипов, Т.В. Шукина, Л.П. Юзков, Н.Н. Скрипников, А.С. Чесников, В.Н. Медведов, Т.М. Макосейчук, Г.Н. Носкова, С.А. Авакян, В.И. Радченко, В.С. Чепиков, А.А. Панов ва дигарон истифода гардидааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асоси методологии тадқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумиилмии фалсафӣ ва махсуси ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои таҳқиқи диалектикӣ, низомнокӣ ва хулосабарорӣ истифода гардидаанд. Ҳамзамон, дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои хусусии ҳуқуқӣ, аз қабили таҳқиқи муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва мантиқӣ-ҳуқуқӣ мавриди истифода қарор гирифтанд, ки дар натиҷа мафҳуми мақомоти назди Президенти ҶТ, асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва салоҳияти мақомоти мазкур таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Истифодаи усули диалектикӣ имкон дод, ки ташаккул ва инкишофи мақомоти назди Президенти ҶТ дар даврони соҳибистиқлолии ҶТ, инчунин заминаҳои ҳуқуқӣ ва давраҳои ташаккули мақомоти наздипрезидентӣ муайян карда шаванд. Усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ имкон дод, ки вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ бо таҷрибаи ташкили ин гуна мақомот дар давлатҳои хориҷӣ муқоиса карда шавад. Ҳамзамон, усули мазкур барои муайян намудани мавқеи мақомоти назди Президенти ҶТ мусоидат намуда, тавассути он таносуби муқоисавии мақомоти назди Президенти ҶТ бо вазорату кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба амал бароварда шудааст. Усули мантиқӣ-ҳуқуқӣ бошад, ба муайян намудани зарурати таъсис додани мақомоти назди Президенти ҶТ мусоидат намудааст.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади ҳаматарафа баррасӣ намудани масъалаи баррасишаванда қонунгузории ҶТ, низомномаи мақомоти назди Президенти ҶТ, дигар санадҳои дохилиидоравӣ ва таҷрибаи фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоии мақомоти мазкур барои муайян намудани тарзҳои амалӣ гардидани салоҳият, вазифа ва функсияи онҳо истифода гардидааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки он аввалин маводи маҷмуавии таҳқиқотӣ маҳсуб меёбад ва ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ бахшида шудааст. Дар кори таҳқиқотӣ бори аввал ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ баррасӣ гардида, дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда таклифҳои илман асоснок ва аҳаммияти муҳимми амалидошта коркард гардида, барои минбаъд такмил додани қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ пешниҳод карда шудаанд. Нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд, навгонии рисолаи диссертатсионӣ ва натиҷаи ҳалли вазифаҳои гузошташударо ифода менамоянд, ки онҳоро чунин гурӯҳбандӣ намудан мумкин аст:

– дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ вобаста ба махсусияти вазъи ҳуқуқӣ ва фаъолият мафҳум ва хусусиятҳои мақомоти наздиПрезиденти ҶТ муқаррар карда шудааст;

– масоили мавқеи мақомоти назди Президенти ҶТ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ баррасӣ гардида, таносуби он бо дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ муайян карда шудааст;

– асосҳои назариявӣ ва амалии шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ таҳлил гардида, вобаста ба такмили шакли ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур таклифҳои зарурӣ пешниҳод карда шудаанд;

– дар заминаи таҳлили қонунгузорӣ марҳилаҳои ташаккул ва зарурати таърихии ташкил гардидани мақомоти мазкур муайян ва пешниҳод карда шудаанд;

– дар натиҷаи таҳлили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ камбудӣ ва номувофиқатии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ошкор ва барои такмили онҳо тавсияҳои дахлдор пешниҳод карда шудаанд;

– моҳияти вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ таҳлил гардида, мақсад, вазифа, функсия ва табиати ҳуқуқии салоҳияти мақомоти мазкур муайян карда шудаанд;

– тарзҳои амалишавии вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти ҶТ таҳлил гардида, таснифоти онҳо пешниҳод карда шудааст;

– самтҳои асосии такмили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ муайян карда шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Таҳқиқи илмии анҷомёфта имкон медиҳад, ки барои ҳимоя чунин нуктаҳои илмӣ-назариявӣ пешниҳод карда шаванд:

1. Мафҳуми мақомоти назди Президенти ҶТ дар қ. 1 м. 14 Қонуни ҶТ “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ” муқаррар гардидааст, ки мафҳуми маҳдуд буда, ба пуррагӣ мазмун ва моҳияти мақомоти мазкурро ифода карда наметавонад. Аз ин лиҳоз, дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии гузаронидашуда мафҳуми васеи мақомоти назди Президенти ҶТ пешниҳод мегардад: Мақомоти назди Президенти ҶТ мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб рафта, тибқи талаботи Конститутсияи ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади таъмини сиёсати давлатӣ ва идоракунии давлатӣ дар соҳаи муайяни фаъолият, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ, баамалбарории назорати давлатӣ ва амалисозии хизматрасонии давлатӣ аз ҷониби Президенти ҶТ таъсис дода шуда, фаъолияти ҳуқуқмуқаррарнамоӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ ва ҳуқуқмуҳофизавиро ба амал бароварда, оид ба натиҷаи фаъолияти худ дар назди Президенти ҶТ масъул мебошанд.

2. Вобаста ба мафҳуми мақомоти назди Президенти ҶТ ва таҳлилҳои гузаронидашуда, хусусиятҳои зерини мақомоти назди Президенти ҶТ пешниҳод мегарданд: а) мақомоти назди Президенти ҶТ ҳамчун мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб мераванд; б) бевосита аз ҷониби Президенти ҶТ таъсис ва барҳам дода мешаванд; в) ҳайати роҳбарикунандаи (роҳбар ва муовинон) мақомоти мазкурро Президенти ҶТ ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод менамояд; г) низомнома ва сохтори мақомоти мазкур аз ҷониби Президенти ҶТ тасдиқ карда мешавад; ғ) вазифа ва функсияҳои махсуси худро доро мебошанд, ки дар низомномаи онҳо муқаррар гардидааст; д) ҳамчун мақоми марказӣ сохтор ва мақоми минтақавии худро доранд; е) бо мақсади амалӣ гардонидани функсияҳои худ ҳуқуқи қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқиро доранд; ё) дар доираи ваколатҳои худ функсияҳои ҳуқуқтатбиққунӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқмуҳофизаткуниро амалӣ менамоянд.

3. Бо дарназардошти омӯзиш ва таҳлили асосҳои ҳуқуқии ташаккули мақомоти назди Президенти ҶТ давраҳои ташаккули мақомоти мазкур дар ҶТ чунин пешниҳод мегарданд: 1) аз соли 2002 то соли 2006 – дар ин давра бо қабул гардидани фармони Президенти ҶТ “Дар бораи системаи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи ҶТ” аз 4 июли соли 2002, №853 бори аввал дар низоми мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ “мақомоти назди Президенти ҶТ” ҳамчун мақомоти тобеъ ва ҳисоботдиҳанда ба Президенти ҶТ таъсис дода шуд; 2) аз соли 2006 то соли 2013 – ин давра бо қабули “Стратегияи ислоҳоти системаи идоракуниидавлатии ҶТ” аз 15 марти соли 2006, №1713 оғоз мегардад. Бо мақсади амалӣ гардидани ҳадафҳои Стратегияи мазкур фармони Президенти ҶТ “Дар бораи такмили сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи ҶТ”30 ноябри соли 2006, №9 қабул шуд, ки боиси барҳам додани қисми зиёди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ гардид. Минбаъд, бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармони мазкур дар низоми мақомоти назди Президенти ҶТ мақомоти алоҳидаи иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ташкилгардиданд. Санади дигаре, ки дар ин давра қабул гардид ва то имрӯз дар танзими вазъи ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ нақши муҳим мебозад, ин Қонуни ҶТ “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ” аз 16 апрели соли 2012, №828 мебошад. Аз ин лиҳоз, давраи дуюми ташаккули мақомоти назди Президенти ҶТ-ро давраи васеъ ва муҳимми рушди мақомоти мазкур эътироф намудан мумкин аст; 3) аз соли 2013 то инҷониб – даврае, ки Президенти ҶТ тавассути фармони худ “Дар бораи сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ҶТ” аз 19 ноябри соли 2013, №12 низоми нави мақомоти назди Президенти ҶТ-ро муқаррар намудааст ва то ба ҳол такмили ин низом идома дорад.

4. Бо мақсади таҳлили амиқ ва ҷудо намудани хусусиятҳои алоҳидаи мақомоти назди Президенти ҶТ асосҳои зерини таснифи мақомоти мазкур пешниҳод мегарданд: а) вобаста ба шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ (шуро, кумита, агентӣ); б) вобаста ба тарзи қабули қарорҳо (шакли яккасардорӣ ва шакли дастаҷамъӣ); в) вобаста ба таъйинот (мақомоти идоракунии давлатӣ; мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; ва мақомоти машваратии назди Президенти ҶТ); г) вобаста ба эътибори ҳуқуқии қарорҳои қабулнамуда (мақомоте, ки функсияи ҳуқуқэҷодкунӣ доранд (кумита ва агентиҳои назди Президенти ҶТ) ва мақомоте, ки функсияи ҳуқуқэҷодкунӣ надоранд (Шурои амнияти ҶТ); ғ) вобаста ба функсия (мақомоте, ки функсияи назоратӣ доранд; мақомоте, ки функсияи иҷроиявӣ-амрдиҳандагӣ доранд; мақомоте, ки функсияи хизматрасонии давлатиро ба амал мебароранд; мақомоте, ки функсияи ҳамоҳангсозиро амалӣ менамоянд); д) вобаста ба табиати ҳуқуқии салоҳият (мақомоти салоҳияти соҳавӣ дошта (Агентии хизмати давлатии назди Президенти ҶТ); мақомоти салоҳияти байнисоҳавӣ дошта (Кумитаи рушди маҳали назди Президенти ҶТ ва Агентии омори назди Президенти ҶТ); мақомоти салоҳияти махсусдошта (Агентии назорати

маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ ва Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти ҶТ); мақомоти салоҳияти комплексӣ дошта – байнисоҳавӣ ва махсус (Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ).

5. Мақомоти назди Президенти ҶТ вобаста ба салоҳият ва самти фаъолияти худ дар шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ таъсис дода шудаанд. Шакли ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ яке аз масъалаҳои асосии муқаррар намудани табиати салоҳияти мақомоти мазкур мебошад, зеро таъсири аввалиндараҷаи шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ маҳз ба салоҳияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба назар мерасад. Аз ин рӯ, вазифаҳои зерини шакли ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ-ро пешниҳод намудан мумкин аст:

– муайян намудани мавҷудияти мақомоти назди Президенти ҶТ субъекти мустақил дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

– муайян намудани вазифа ва функсияи мақомоти назди Президенти ҶТ;

– муайян намудани ҷойи мақомоти назди Президенти ҶТ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ.

6. Дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ҶТ ду гурӯҳи мақомоти наздипрезидентӣ мавҷуд мебошанд: а) мақомоти назди Президенти ҶТ; б) мақомоти машваратию маслиҳатии назди Президенти ҶТ.

Бо назардошти ин, мазмуни васеъ ва маҳдуди мақомоти назди Президенти ҶТ-ро фаҳмидан мумкин аст. Мазмуни васеъ умумӣ буда, дар доираи он тамоми мақомоти давлатӣ новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, таъйинот ва функсияи худ, ки аз ҷониби Президенти ҶТ таъсис дода шуда, ба Президенти ҶТ тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошанд, фаҳмида мешавад ва ё ин ки ба сифати мақомоти назди Президенти ҶТ тамоми сохторҳоеро, ки дар номгузории онҳо ибораи “назди Президенти ҶТ” муқаррар гардидааст ва ё тобеияти бевоситаи Президенти ҶТ-ро дошта бошанд, дохил намудан мумкин аст.

Мақомоти назди Президенти ҶТ ба мазмуни маҳдуд бошад, танҳо он мақомоте маҳсуб меёбанд, ки тибқи қонунгузорӣ онҳо ба гурӯҳи алоҳида, ки “мақомоти назди Президенти ҶТ” номгузорӣ гардидаанд, дохил гардида, салоҳият ва функсияи мустақили ҳокимиятӣ дошта, вобаста ба хусусиятҳои алоҳидаи худ аз дигар мақомот ва сохторҳое, ки дар номгузории онҳо ибораи “назди Президенти ҶТ” доранд ва ё ба Президенти ҶТ тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошанд, фарқ мекунанд. Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур маҳз мазмуни маҳдуди мақомоти назди Президенти ҶТ-ро фаро мегирад.

7. Таҳлили қонунгузории муайянкунандаи вазъи ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ собит месозад, ки мақомоти мазкур самтҳои гуногуни фаъолияти давлатӣ, аз ҷумла назорати давлатӣ, ҳамоҳангсозии

фаъолияти мақомоти давлатӣ дар соҳаи дахлдор ва хизматрасонии муайяни давлатӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва мубориза бо ҳуқуқвайронкуниҳоро дар бар мегиранд. Бинобар ин, бо хулосагирӣ аз таҳлили муқаррароти қонунгузорӣ ва нуктаҳои назари олимони соҳавӣ дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод мегардад, ки мақомоти назди Президенти ҶТ мақомоти салоҳияти омехтадошта ба ҳисоб мераванд. Зимнан, мафҳуми мақомоти салоҳияти омехтадошта, бо дарназардошти таҷрибаи ҶТ чунин пешниҳод мегардад: Мақомоти салоҳияти омехтадошта, мақомоти идоракунии давлатие мебошанд, ки функсияҳои соҳавӣ, байнисоҳавӣ ва махсусро дар доираи салоҳияти муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба амал бароварда, ҳамоҳангсозии фаъолияти дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро вобаста ба соҳаи дар тобеияти онҳо қарордошта таъмин менамоянд.

**Ҳамзамон, чунин таклифҳои хусусияти амалидошта пешниҳод карда мешаванд:**

– Бо назардошти шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ номгузории мансабҳои роҳбарикунандаи мақомоти назди Президенти ҶТ гуногун мебошанд. Вобаста ба ин, дар қ. 1 м. 14 Қонуни ҶТ “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ” муқаррар гардидааст, ки мақомоти назди Президенти ҶТ аз ҷониби “сардор ё директор” роҳбарӣ карда мешаванд. Лекин, дар воқеъ, ҳолати дигар ба назар мерасад. Масалан, мақомоти назди Президенти ҶТ, ки дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ “агентӣ” ташкил гардидаанд, аз ҷониби “директор” роҳбарӣ карда мешаванд. Шурои амнияти ҶТ ва Кумитаи рушди маҳали назди Президенти ҶТ на аз ҷониби “сардор”, балки аз ҷониби “раис” роҳбарӣ карда мешаванд. Ин ҳолатро Низомномаи мақомот мазкур тасдиқ менамоянд. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки дар қ. 1 м. 14 Қонуни ҶТ “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ” калимаҳои “сардор ё директор” ба калимаҳои “раис ва ё директор” иваз карда шаванд;

– Тибқи талаботи қ. 3 м. 14 Қонуни ҶТ “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ” Президенти ҶТ роҳбар, муовини якум, муовинони роҳбари мақоми назди Президенти ҶТ-ро ба вазифа таъйин вааз вазифа озод менамояд. Мувофиқан, тавассути кадом санади Президенти ҶТ роҳбарон ва муовинони мақомоти назди Президенти ҶТ таъйин ва озод мегарданд, дар қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзими худро наёфтааст. Таҷрибаи ҶТ вобаста ба ин нишон медиҳад, ки роҳбар, муовини якум ва муовинони роҳбарони баъзе аз мақомоти назди Президенти ҶТ дар асоси фармони Президенти ҶТ, вале қисми дигар бошад, роҳбар мувофиқи фармон, муовини якум ва муовинони ӯ дар асоси амри Президенти ҶТ ба вазифа таъйин ва аз он озод мегарданд. Бо назардошти таснифоти Феҳристи мансабҳои давлатӣ, ки бо фармони Президенти ҶТ аз 15 августи соли 2016, №737 тасдиқ гардидааст, роҳбари мақомоти назди Президенти ҶТ шахси мансабдори сиёсии хизмати

давлатӣ, муовини якум ва муовинони ӯ шахсони мансабдори маъмурии хизмати давлатӣ маҳсуб меёбанд. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад мебуд, ки роҳбари мақомоти мазкур дар асоси фармон ва муовини якум, муовинони ӯ тавассути амри Президенти ҶТ ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод карда шаванд. Бо ин мақсад, пешниҳод мегардад, ки ба қ. 3 м. 14 Қонуни ҶТ "Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ" меъёри зерин илова карда шавад: "Роҳбари мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси фармон ва муовини якум, муовинони роҳбари мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод мегарданд";

– Дар Қонуни ҶТ "Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо" аз 10 декабри соли 1999, №873, ки салоҳияти Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ, ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва ҷавобгарии кормандони онро муқаррар менамояд (м.м. 5-7), принсипҳои фаъолияти ин мақомро пешбинӣ наменамояд. Принсипҳои таъсис ва фаъолияти мақоми мазкур дар Низомномаи он низ ба назар намерасанд. Аз ин рӯ, бо дарки муҳиммияти принсипҳо дар таъсис ва фаъолияти Агентӣ зарур мешуморида мешавад, ки ба Қонуни ҶТ "Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо" аз 10 декабри соли 1999, №873, моддаи 3(1) бо мазмуни зерин илова карда шавад: "Принсипҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо". Дар моддаи мазкур принсипҳои зерин муқаррар карда шаванд: қонуният ва волоияти қонун, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ошкорбаёнӣ, шаффофият, мустақилият, идоракунии яккасардорӣ, илмият, ғайриҳизбӣ;

– Бо мақсади дақиқ муайян намудани мутобиқати шакли ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президети ҶТ ба самти фаъолияти онҳо зарур шуморида мешавад, ки дар Қонуни ҶТ "Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ" аз 16 апрели соли 2012, №828 расман мафҳуми шакли ташкилӣ-ҳуқуқии "агентӣ" ва "хадамот" бо назардошти таҷрибаи ватанӣ ва давлаҳои хориҷӣ муқаррар карда шавад. Бо ин мақсад, пешниҳод мегардад, ки дар м. 2 Қонуни ҶТ "Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ" аз 16 апрели соли 2012, № 828 мафҳуми расмии "агентӣ" ва "хадамот" чунин муқаррар карда шаванд:

а) Агентӣ – ин шакли ташкилии мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки функсияи расонидани хизматрасонии давлатӣ, идоракунии амволи давлатӣ ва дигар функсияҳои ҳуқуқтатбиқкуниро дар соҳаи муайянгардидаи фаъолият ба амал мебарорад;

б) Хадамот – ин шакли ташкилии мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки функсияҳои назоратӣ ва ҳуқуқмуҳофизавиро дар соҳаи муайянгардидаи фаъолият ба амал мебарорад;

– Барои дар ин ё он шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ таъсис дода шудани мақомоти давлатӣ функсия ва таъйиноти мақомот нақши асосӣ мебозанд.

Аз мавқеи олимон дар адабиёти ҳуқуқӣ ва таҷрибаи қонунгузориидавлатҳои хориҷӣ маълум мегардад, ки мақомоти функсияи назоратӣ дошта, дар шакли "хадамот" ташкил карда мешаванд. Дар низоми мақомоти назди Президенти ҶТ мақомоте мавҷуд мебошад, ки функсияи онҳо ба шакли ташкилӣ-ҳуқуқиашон мувофиқат наменамоянд. Аз ин лиҳоз, пешниҳод мегардад, ки мақомоти назди Президенти ҶТ, ки амаликунандаи назорати давлатӣ мебошанд – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ ба шакли ташкилии "хадамот" табдил дода шаванд;

– Яке аз унсурҳои муайянкунандаи тобеияти мақомоти давлатӣ ин номи мақомот мебошад. Гарчанде ақидаи мазкур баҳснок мебошад ва ба ақидаи олимон он хусусияти динамикӣ дошта, бо назардошти зарурати истеҳсолӣ метавонад тағйир ёбад, вале дар муқаррар намудани тобеияти мақомоти ҳокимияти иҷроия номгузории мақомот нақши муҳим мебозад. Дар таҷрибаи ҶТ мақомоти тобеиятдошта, дар номгузории худ ибораҳои "назди Президент" ё "назди Ҳукумат"-ро доранд ва ё дар асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти онҳо оид ба ин масъала ишора мегардад. Дар Низомнома ва Қонуни ҶТ "Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ" муқаррар нагардидааст, ки Агентии мазкур мақоми назди Президенти ҶТ мебошад. Чунин ҳолат ба нофаҳмии вазъи ҳуқуқӣ ва муайян намудани ҷойи он дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ оварда мерасонад. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки номгузории Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ дар шакли зерин муқаррар карда шавад: "Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон";

– Бо мақсади дақиқ намудани вазъи ҳуқуқии Шурои амнияти ҶТ пешниҳод мегардад, ки дар сархати дуюми б. 1 Низомномаи Шурои амнияти ҶТ муқаррароти "Шурои амният мақоми конститутсионии..." ба ифодаи зерин иваз карда шавад: "Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми конститутсионӣ ва машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон...";

– Мақомоти назди Президенти ҶТ ба Президенти ҶТ ҳисоботдиҳанда мебошанд. Дар зербанди "в" б. 23 Низомномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти ҶТ муқаррар гардидааст, ки Агентӣ "соле ду маротиба (20 июли соли ҳисоботӣ ва 20 январи соли оянда) ба мақомоти омор ҳисоботи ҷамъбастӣ пешниҳод менамояд". Пешниҳоди ҳисобот аз ҷониби Агентии мазкур ба мақомоти омор – Агентии омори назди Президенти ҶТ, ки дар як зинаи ҳуқуқӣ қарор доранд, тобеияти якуминро ба охирин ифода мекунад. Бинобар ин, мувофиқи мақсад ҳисобида мешавад, ки дар зербанди "в" б. 23 Низомномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти ҶТ муқаррароти "соле ду маротиба (20 июли соли ҳисоботӣ ва
20 январи соли оянда)" ба ифодаи "соле ду маротиба (20 июли соли

ҳисоботӣ ва 20 январи соли оянда) ба мақомоти омор маълумоти ҷамъбастии оморӣ пешниҳод менамояд" иваз карда шавад;

– Бо мақсади мувофиқ кардани фармони Президенти ҶТ "Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ҶТ" ба талаботи м. 5 Қонуни ҶТ "Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ" пешниҳод мегардад, ки фармони Президенти ҶТ "Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ҶТ", ки тавассути он низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ муқаррар карда мешавад, минбаъд, "Дар бораи такмили низом ва сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон" номгузорӣ карда шавад;

– Қонуни ҶТ "Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ" низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки функсияи идоракунии давлатиро амалӣ менамоянд, муқаррар намудааст. Дар б. 5 м.5 Қонуни мазкур мақомоти машваратӣ ва маслиҳатии назди Президенти ҶТ ва Ҳукумати ҶТ муқаррар гардидааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур исбот карда шудааст, ки мақомоти машваратӣ ва маслиҳатии назди Президенти ҶТ ва Ҳукумати ҶТ гарчанде мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бошанд ҳам, вале мақомоти идоракунии давлатӣ намебошанд. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад мебошад, ки аз б. 5 м. 5 Қонуни ҶТ "Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ" муқаррароти "мақомотимашваратӣ ва маслиҳатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" бардошта шуда, дар фармони Президенти ҶТ "Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ҶТ" пас аз "Мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон" муқаррар карда шавад;

– Дар фармони Президенти ҶТ "Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ҶТ" аз 19 ноябри соли 2013, №12 низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба таври гуногун муқаррар гардидааст. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ собит гардидааст, ки бо назардошти он ки Ҳукумати ҶТ ва вазорату кумитаҳои давлатӣ ҳомили ҳокимияти иҷроия мебошанд, мавқеи онҳо нисбат ба мақомоти назди Президенти ҶТ баланд мебошад. Бо мақсади дуруст муайян намудани ҷойи мақомоти назди Президенти ҶТ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ зарур аст, ки дар фармони Президенти ҶТ "Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ҶТ" аз 19 ноябри соли2013, №12 сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи ҶТ дар шакли зерин муқаррар карда шавад. 1) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2) Вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; 3) Кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 4) Мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; 5) Мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; 6) Мақомоти маслиҳатӣ ва машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Дар б. 10 қ. 1 ва б. 20 Низомномаи Агентии омори назди Президенти ҶТ муқаррар гардидааст, ки Агентӣ дар доираи ваколатҳоихуд фармон қабул мекунад, ки иҷрои он барои ҳамаи субъектони хоҷагидор ҳатмӣ мебошад. Ҳолати мазкур ба муқаррароти қ. 2 м. 2 Қонуни ҶТ "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" мухолифат мекунад, зеро Қонуни мазкур муқаррар менамояд, ки мақомоти назди Президенти ҶТ санади меъёрии ҳуқуқиро дар шакли "фармоиш" қабул мекунанд. Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки дар б. 10 боби 1 ва б. 20 Низомномаи Агентии омори назди Президенти ҶТ калимаи "фармон" бо калимаи "фармоиш"иваз карда шавад;

– Дар б. 2 боби 1 Низомномаи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия аз 25 ноябри соли 2015, №587 (бо забони давлатӣ) қайд мегардад: «Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти муборизабар зидди коррупсия дар асоси Конститутсия (Сарқонуни) ҶТ, қонунҳоиҶТ "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия", "Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ", дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти мубориза бо коррупсия, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва Низомномаи мазкур анҷом дода мешавад»[41]. Аз ин муқаррарот бармеояд, ки Низомномаи мазкур ба ислоҳоти қонунгузории дар панҷ соли охир дар ҶТ ба вуқуъомада мувофиқ карда нашудааст. Аз ҷумла, бо ворид намудани тағйиру илова ба Конститутсияи ҶТ дар соли 2016 калимаи "Сарқонун" аз он бардошта шуд, ҳамзамон, Қонуни ҶТ "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" аз соли 2005 беэътибор дониста шуда, соли 2020 Қонуни ҶТ "Дар бораи муқовимат ба коррупсия" қабул гардидааст. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки б. 2 боби 1 Низомномаи мазкур дар таҳрири зерин муқаррар карда шавад: «Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия дар асоси Конститутсияи ҶТ, қонунҳои ҶТ "Дар бораи муқовимат бо коррупсия", "Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ", дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти мубориза бо коррупсия, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва Низомномаи мазкур анҷом дода мешавад».

– Вазифаҳои Агентии хизмати давлатии назди Президенти ҶТ, ки дар Низомномаи он муқаррар гардидааст, аз вазифаҳои он, ки дар Қонуни ҶТ "Дар бораи хизмати давлатӣ" муқаррар гардидааст, ҳаҷман ва мазмунан маҳдуд мебошанд. Аз сабаби оне ки Низомнома ҳуҷҷати асосии таъсиси ин мақомро ташкил медиҳад, маҳдуд муқаррар намудани вазифаҳои он дар Низомнома назар ба Қонуни зикргардида мувофиқи мақсад нест. Бинобар ин, зарур мешуморем, ки дар сархати охири б. 7 боби 2 Низомномаи

[41] ММИҲ ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 19.08.2021)

Агентии хизмати давлатии назди Президенти ҶТ муқаррар карда шавад, ки “вазифаҳои дигареро, ки қонунгузорӣ муқаррар менамоянд”;

– Дар боби 2 м. 7 Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” муқаррар гардидааст, ки “дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки ба нақшаи идоракунӣ ва номгӯи ташкилотҳои вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти ҶТ ва мақомоти назди Ҳукумати ҶТ дохил мешаванд, субъекти ҳуқуқэҷодкунанда намебошанд”. Кадом мақомоти давлатӣ субъекти ҳуқуқэљодкунӣ шуда наметавонад, муаммо боқӣ мемонад. Бинобар ин, қ. 2 м. 7 Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳоимеъёрии ҳуқуқӣ” дар таҳрири нав ба тариқи зайл пешниҳод мегардад: “Шахсони ҳуқуқие, ки ба нақшаи идоракунӣ ва номгӯи ташкилотҳои вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, инчунин мақомоти машваратӣ ва маслиҳатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти ҳуқуқэҷодкунӣ намебошанд”;

– Дар б. 6 боби 3 Низомномаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ муқаррар гардидааст, ки директори Агентӣ “фармонҳои дорои хусусияти меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ доштаро дар доираи салоҳияти худ қабул менамояд”. Дар м. 13 Қонуни ҶТ “Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ” бошад, муқаррар гардидааст, ки директори Агентӣ дар доираи ваколати худ “фармоишҳои дорои хусусияти меъёрӣ ва ғайримеъёридоштаро қабул менамояд”. Аз ин рӯ, пешниҳод мегардад, ки б. 6 боби 2 Низомномаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ дар хусуси ваколати директори Агентӣ оид ба қабул намудани санади меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботи м. 13 Қонуни ҶТ “Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ” мувофиқ карда шуда, калимаи “фармонҳои” ба калимаи “фармоишҳои” иваз карда шавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалиявии таҳқиқот** дар он ифода мегардад, ки мафҳум ва хулосаҳои дар натиҷаи таҳқиқот ба даст овардашуда, метавонанд минбаъд дар рушд ва такмили қонунгузории ҶТ, ки асоси таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ ва дар маҷмуъ мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатиро ташкил медиҳанд, мусоидат намоянд. Дар баробари ин, нуқтаҳои баррасигардида ва дар заминаи онҳо хулосаҳои пешниҳодшуда метавонанд, аз ҷониби нафароне, ки дар самти ҳуқуқи маъмурӣ ва назарияи идоракунии давлатӣ пажӯҳиш мебаранд, мавриди истифода қарор дода шаванд. Ҳамзамон, маводи дар натиҷаи таҳқиқот ба даст овардашударо ҳамчун маводи илмӣ ва таълимӣ дар донишгоҳҳои олии касбӣ ва курсҳои такмили ихтисос метавон ба роҳ монд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо.** Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифода гардидани усулҳои умумиилмӣ ва махсуси ҳуқуқӣ, таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи қонунгузории ҶТ ва санадҳои

байналмилалии эътирофнамудаи ҶТ, таҳлили адабиёти умумӣ ва махсуси илмию таълимӣ, рисолаҳои илмӣ, мақолаву дастовардҳои дигари дар сатҳи илм пазируфташуда ва таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқотӣ асоснок мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.14 – ҳуқуқи маъмурӣ; ҳуқуқи мурофиаи маъмурӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Саҳми шахсии довталаб барои дарёфти дараҷаи илмї бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионї, нуқтаҳои илмї-назариявӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалии ба ҳимоя пешниҳодшуда, ки барои такмили қонунгузорӣ ва самаранокии фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ метавонанд мусоидат намоянд, инчунин бо нашри мақолаҳои илмї ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмї-амалї тасдиқ мегарданд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Диссертатсияи мазкур дар кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти ҶТ омода гардида, дар ҷаласа ва семинарҳои илмии назди кафедраи мазкур мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҷанбаҳои алоҳидаи диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳо дар шакли маърӯза пешниҳод ва муҳокимаронӣ гардидааст. Аз ҷумла:

– Конференсияи илмӣ-назариявӣ таҳти унвони “Нақши Конститутсияи ҶТ дар рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ” бо маърӯза дар мавзуи «Принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ: таърихи пайдоиш ва аҳаммияти он» (ш. Душанбе, 3 ноябри соли 2020);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Масъалаҳои муҳимми идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар шароити татбиқи ҳукумати электронӣ” бо маърӯза дар мавзуи «Касбият ва салоҳиятнокии хизматчиёни давлатӣ ҳамчун принсипи таъминоти кадрӣдар мақомоти давлатӣ» (ш. Душанбе, 23-24 октябри соли 2020);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-назаривӣ таҳти унвони “Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: моделҳои муосири самаранокии он” бо маърӯза дар мавзуи «Нормативно-правовые основы организации и деятельности органов при Президенте Республики Таджикистан» (ш. Душанбе, 5-6 марти соли 2021);

– Конференсияи ҷумҳуривии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Иштироки ҷавонон дар идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ” бо маърӯза дар мавзуи «Асосҳои таърихӣ-ҳуқуқии ташаккули Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 5 майи соли 2021);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони “Нақши Конститутсияи ҶТ дар татбиқи сиёсати хориҷӣ” бо маърӯза дар мавзуи «Принсипҳои конститутсионӣ ва нақши онҳо дар ташкил ва баамалбарории фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 4 ноябри соли 2021);

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо” бо маърӯза дар мавзуи «Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат бо коррупсия» (ш. Душанбе, 3 декабри соли 2021);

– Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Масоили мубрами мурофиаи маъмурӣ: мушкилот, дурнамо ва роҳҳои ҳалли он” бо маърӯза дар мавзуи «Асосҳои ҳуқуқӣ ва давраҳои ташаккули Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш. Душанбе, 28 майи сол 2022).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 7 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои дигар ба нашр расонида шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷмии умумии диссертатсия 246 саҳифаро дар бар мегирад.

## ҚИСМҲОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ (ФИШУРДА)

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи таҳқиқи он, объект, мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ муайян гардида, асосҳои методологии он изҳор шуда, нагонии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии он тавсиф гардида, нуктаҳои илмии назарӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшавандабаён карда шуда, инчунин тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб ва сохтори диссертатсия дарҷ гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия – **“Асосҳои назариявӣ ва ташкилии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ном дошта, аз чор зербоб иборат аст.

Дар зербоби якуми боби якум – **“Мафҳум, хусусиятҳо ва мавқеи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти ҳокимияти иҷроия”,** диссертант мафҳум ва моҳияти мақомоти назди Президенти ҶТ-ро бо назардошти назарияи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ, ҳамзамон мавқеи мақомоти назди Президенти ҶТ дар низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки ҳокимияти иҷроия яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатиро ташкил дода, вобаста ба хусусиятҳои худ ҳамчун шохаи мураккаб ва васеи ҳокимияти давлатӣ эътироф мегардад.

Фаъолияти иҷроиявӣ-амрдиҳӣ, ки таъйиноти асосии ин шохаро ташкил медиҳад, кори мунтазами мақомоти махсуси давлатӣ, яъне мақомоти ҳокимияти иҷроия оид ба иҷро ва назорат аз болои иҷрои қонунҳо ва санадҳои меъёрии зерқонунӣ дар тамоми ҳудуди ҶТ мебошад.

Ҳамин тариқ, диссертант ба хулоса омадааст, ки ҳокимияти иҷроияяке аз шохаҳои мустақили ҳокимияти давлатӣ буда, мақсадҳои мушаххас, функсияҳо ва воситаҳои ҳуқуқии таъсиррасонӣ ба муносибатҳои ҷамъиятиро дорост ва идоракунии давлатиро тавассути механизмҳоимахсуси худ – мақомоти ҳокимияти иҷроия ба амал бароварда, бо шохаҳои дигари ҳокимияти давлатӣ дар асоси усули боздорӣ ва мувозинат ҳамкорӣ менамояд.

Муаллиф ифроз медорад, ки дар адабиёти илмӣ мақомотеро, ки фаъолияти онҳо ҷиҳати мусоидат намудан ба амалишавии салоҳиятҳои конститутсионии Президент равона гардидаанд, “дастгоҳи ёрирасон”, “низоми таъминкунандаи фаъолияти Президент”, “фишангҳои ҳокимияти Президент”, “дастгоҳи корӣ”, “механизми идоракунии президентӣ” ва ғайра ном мебаранд. Дар таҷрибаи ҶТ, ин гуна мақомотро “мақомоти назди Президенти ҶТ” меноманд.

Мақомоти назди Президенти ҶТ яке аз мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мақомоти назди Президенти ҶТ ба ҳисоб рафта, самтҳои асосии сиёсати давлатиро фарогир буда, дар таъмини сиёсати давлатӣ ва амалӣ гардонидани идоракунии давлатӣ нақши созанда доранд. Мақомоти мазкур бо назардошти хусусиятҳои ташкилӣ, фаъолият ва вазъи ҳуқуқии худ аз дигар мақомоти ҳокимияти иҷроия фарқ мекунанд. Яке аз хусусиятҳои асосии мақомоти мазкур дар он аст, ки бевосита аз ҷониби Президенти ҶТ таъсис ва барҳам дода шуда, таъийни роҳбар ва муовинон, тасдиқи низомнома ва сохтори дохилии мақомоти мазкур аз ҷониби Президенти ҶТ амалӣ карда мешавад.

Диссертант қайд менамояд, ки дар таҷрибаи ҶТ ду гурӯҳи мақомоти наздипрезидентиро ҷудо намудан мумкин аст: а) мақомоти назди Президенти ҶТ; б) мақомоти машваратию маслиҳатии назди ПрезидентиҶТ. Гурӯҳи якум, бо доштани ваколати ҳокимиятӣ, қабули санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва шакли фаъолият аз гурӯҳи дуюмфарқ мекунанд.

Бо баррасӣ намудани мавқеи ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ муаллиф ба хулоса омадааст, ки мақомоти назди Президенти ҶТ дар раванди баамалбарории ваколатҳои худ бо дигар мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоте, ки роҳбарии онҳоро Ҳукумати ҶТ ба амал мебарорад, дар ҳамкории доимӣ қарор мегиранд. Бо мақсади муайян намудани ҷойи мақомоти назди Президенти ҶТ дар низоми мақомоти дигари ҳокимияти иҷроия, муҳаққиқ таносуби мақомоти мазкурро бо Ҳукумати ҶТ ва вазорату кумитаҳои давлатӣ гузаронида, қайд мекунад, ки Ҳукумати ҶТ ва вазорату кумитаҳои давлатӣ ҳомили ҳокимияти иҷроия буда, аз ҷиҳати вазъи ҳуқуқӣ нисбат ба

мақомоти назди Президенти ҶТ афзалият доранд. Аз ин рӯ, ҷойи мақомоти назди Президенти ҶТ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд бо риояи вазъи ҳуқуқии Ҳукумати ҶТ ва вазорату кумитаҳои давлатӣ муқаррар карда шавад.

Зербоби дуюми боби аввал – **“Ташаккули мақомоти наздипрезидентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”** номгузорӣ гардида, дар он таъкид шудааст, ки мақомоти назди Президенти ҶТ ниҳоди нав буда, дар муқоиса бо вазорату кумитаҳои давлатӣ, ки фаъолияти чандинсола доранд, таърихи тулонӣ надоранд.

Диссертант таъсиси мақомоти назди Президенти ҶТ-ро баррасӣ намуда, қайд менамояд, ки мавҷудияти мақомоти мазкур аз мавҷудияти ниҳоди президентӣ дар кишвар вобаста буда, нақши Президенти ҶТ-ро дар таъсис ва баамалбарории фаъолияти мақомоти мазкур муҳим арзёбӣ кардааст. Маҳз тавассути фармони Президенти ҶТ мақомоти мазкур дар низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия ташкил гардида, минбаъд, дар асоси фармонҳои дахлдори Президенти ҶТ марҳила ба марҳила ташаккул ёфтаанд. Аз ин рӯ, муҳаққиқ марҳилаҳои ташаккули мақомоти назди Президенти ҶТ-ро ба се давра ҷудо намудааст: 1) аз соли 2002 то соли 2006 – дар ин давра бо қабул гардидани фармони Президенти ҶТ “Дар бораи системаи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи ҶТ” аз 4 июли соли 2002, №853 бори аввал дар низоми мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ “мақомоти назди Президенти ҶТ” ҳамчун мақомоти тобеъ ва ҳисоботдиҳанда ба Президенти ҶТ таъсис дода шуд; 2) аз соли 2006 то соли 2013 – ин давра бо қабули “Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии ҶТ” аз 15 марти соли 2006, №1713 оғоз мегардад. Бо мақсади амалӣ гардидани ҳадафҳои Стратегияи мазкур фармони Президенти ҶТ “Дар бораи такмили сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи ҶТ”30 ноябри соли 2006, №9 қабул шуд, ки боиси барҳам додани қисми зиёди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ гардид. Минбаъд, бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармони мазкур дар низоми мақомоти назди Президенти ҶТ мақомоти алоҳидаи иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ташкилгардиданд. Санади дигаре, ки дар ин давра қабул гардид ва то имрӯз дар танзими вазъи ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ нақши муҳим мебозад, ин Қонуни ҶТ “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ” аз 16 апрели соли 2012, №828 мебошад. Аз ин лиҳоз, давраи дуюми ташаккули мақомоти назди Президенти ҶТ-ро давраи васеъ ва муҳимми рушди мақомоти мазкур эътироф намудан мумкин аст; 3) аз соли 2013 то инҷониб – даврае, ки Президенти ҶТ бо фармони худ “Дар бораи сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ҶТ” аз 19 ноябри соли2013, №12 низоми нави мақомоти назди Президенти ҶТ-ро муқаррар намудааст ва то ба ҳол такмили ин низом идома дорад.

Ҳамзамон, муаллиф марҳилаҳои ташаккули мақомоти назди Президенти ҶТ-ро дар алоҳидагӣ баррасӣ намуда, иброз менамояд, ки асоси таъсис дода шудани ин гуна мақомоти давлатиро, ки бевосита ба

Президенти ҶТ тобеъ мебошанд, таъйинот ва функсияи ин мақомоти мазкур, ки ба рушди соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии давлатӣ, амнияти давлатӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ, саломатии аҳолӣ ва пешгирии поймолшавии ҳуқуқу озодиҳон инсон ва шаҳрванд равона гардидаанд, ташкил медиҳанд.

Зербоби сеюми боби аввал – "**Шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**" номгузорӣ гардида, дар он шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва нақши он дар ташкил ва фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ таҳқиқ гардидааст.

Диссертант қайд менамояд, ки шакли ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ – ин тарзи ташкили мақомоти назди Президенти ҶТ буда, дар муайян намудани вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби идоракунӣ ва воҳидҳои маъмурии онҳо нақши муҳим мебозад. Мақомоти назди Президенти ҶТ дар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии "шуро", "кумита" ва"агентӣ" ташкил гардида, дар доира ва самтҳои муайяннамудаи қонун фаъолият менамоянд.

Муҳаққиқ таснифоти мақомоти мазкурро вобаста ба шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, тарзи қабули қарорҳо, таъйинот, эътибори ҳуқуқии қарорҳои қабулнамуда, функсия ва хусусиятҳои дигари фаъолият анҷом дода, ба шакли ташкилӣ-ҳуқуқии онҳо таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Бо ин мақсад, хусусиятҳои алоҳидаи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ-ро таҳлилу баррасӣ намуда, алоқамандии онро ба функсия ва салоҳияти мақомоти мазкур муайян намудааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки "шуро" яке аз шаклҳои ташкилӣ- ҳуқуқии мақомоти давлатӣ буда, бо шакли идоракунии дастаҷамъӣ асос меёбад. Дар таҷрибаи ҶТ мақомоти бо идоракунии дастаҷамъӣ асосёфта, аслан дар шакли "шуро" ва "комиссияҳо" таъсис дода мешаванд.

Кумита ба ақидаи диссертант, ҳамчун шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ дар таҷрибаи ҶТ новобаста аз самти фаъолият ва тобеият (кумитаи давлатӣ, кумитаи наздипрезидентӣ, кумитаи наздиҳукуматӣ) бо роҳбарии яккасардорӣ асос ёфта, функсияи байнисоҳавиро амалӣ менамоянд. Агентӣ бошад, шакли ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоте мебошад, ки функсияи онҳо ба амалӣ намудани хизматрасонии давлатӣ ва идораи амволи давлатӣ равона гардидааст.

Аз ин лиҳоз, диссертант алоқамандӣ ва мутобиқати шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ-ро бо функсияи онҳо муайян намуда, вобаста ба номутобиқатии онҳо қайд менамояд, кимақомоти мазкур дар ин самт ниёз ба такмил доранд.

Дар зербоби чоруми боби аввал, ки "**Ташаккул ва рушди танзими меъёрӣ-ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**" номгузорӣ шудааст, дар он рушди танзими меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти мазкур, ки яке аз шаклҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, таҳлил гардидааст.

Муаллиф таъкид менамояд, ки мақомоти назди Президенти ҶТ идоракунии давлатиро дар самтҳои гуногун ба амал мебароранд, бинобар ин, асосҳои танзими меъёрӣ-ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти ин муқомотро дар санадҳои сатҳи гуногун мушоҳида намудан мумкин аст. Бо ин назардошт, муаллиф асосҳои танзими меъёрӣ-ҳуқуқии таъсис ва фаъолиятимақомоти назди Президенти ҶТ-ро вобаста ба соҳаи амалашон ба: асосҳои умумӣ ва асосҳои махсус ҷудо намудааст.

Ба асосҳои умумии таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ пеш аз ҳама Конститутсияи ҶТ, кодексҳо, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки хусусияти умумӣ дошта, нисбати фаъолияти ҳамаи мақомоти давлатӣ амали онҳо паҳн мегарданд, дохил мешаванд. Асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии махсуси таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ бошанд, он санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиеро меноманд, ки танҳо хоси мақоми мушаххаси назди Президенти ҶТ буда, фаъолияти мақоми мазкур дар асоси онҳо ба амал бароварда мешаванд.

Муаллиф нақши Конститутсияи ҶТ-ро дар таъсис ва фаъолияти мақомоти мазкур муҳим арзёбӣ намуда, иброз медорад, ки Конститутсияи ҶТ асоси меъёрӣ-ҳуқуқии аввалиндараҷаи таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ мебошад, ки аз он қонунҳо ва дигар санадҳои зерқонунӣ сарчашма гирифта, паҳлуҳои алоҳидаи фаъолияти мақомоти мазкурро танзим менамоянд. Конститутсия санади меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки дар он вазъи ҳуқуқӣ ва салоҳияти Президенти ҶТ ҳамчунмуассиси мақомоти назди Президенти ҶТ муқаррар гардидааст. Аз ҷумла, салоҳияти Президенти ҶТ дар м. 69 Конститутсияи ҶТ муқаррар гардидааст, ки таъсиси мақомоти назди Президенти ҶТ аз он сарчашмамегирад. Ба ақидаи муаллиф, таъсиси мақомоти мазкур асоси худро аз муқаррароти б. 29 м. 69 Конститутсияи ҶТ мегиранд, ки ваколатҳои дар қонунгузории дигар муқарраргардидаи Президенти ҶТ-ро муайян намудааст. Мувофиқан, ваколати таъсиси мақомоти мазкур аз ҷониби Президенти ҶТ дар Қонуни ҶТ “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ” муқаррар гардидааст.

Муҳаққиқ иброз менамояд, ки салоҳияти таъсис додани ин ниҳод ба Президенти ҶТ ҳамчун “сарвари давлат” хос мебошад, зеро мақомоти дигари ҳокимияти иҷроия, аз ҷумла мақомоти назди Ҳукумати ҶТ аз ҷониби Ҳукумати ҶТ таъсис дода мешаванд, ҳамзамон ҳайати роҳбарикунандаи онҳо аз ҷониби Ҳукумати ҶТ ба вазифа таъйин ва озод мегарданд, низомнома, нақшаи идоракунӣ ва сохтори онҳоро низ Ҳукумати ҶТ тасдиқ менамояд.

Ба ақидаи муаллиф, асоси дигари танзими меъёрӣ-ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ-ро кодексҳо ташкил мекунанд. Барои танзими фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ чуноне аз амалияи қонунгузории ҶТ бармеояд, кодексҳои соҳавӣ қабул нагардидаанд. Кодексҳое, ки асоси танзими меъёрии таъсис ва фаъолияти

мақомоти назди Президенти ҶТ-ро ташкил медиҳанд, ба ҷумлаи санадҳои хусусияти умумидошта дохил мегарданд. Дар бораи қонунҳое, ки асоси танзими меъёрӣ-ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ ба ҳисоб мераванд, қайд кардан зарур аст, ки онҳо махсусияти ба худ хосро доранд. Махсусияташон дар он ифода мегардад, ки онҳо хусусияти умумӣ ва махсус дошта, аксари онҳо ба ташкил ва фаъолияти мақомоти алоҳидаи назди Президенти ҶТ равона гардидааст. Дар баробари ин, муаллиф қайд менамояд, ки санадҳои зерқонунӣ, аз ҷумла, фармонҳои Президенти ҶТ, қарорҳои Ҳукумати ҶТ ва санадҳои дохилисохтории мақомоти мазкур низ дар танзими фаъолияти онҳо мавқеи муҳимро касб менамоянд.

Боби дуюми диссертатсия – **“Мазмуни вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ном дошта, аз се зербоб иборат аст.

Зербоби якум – **“Моҳияти вазъи маъмурӣ ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”** ном гирифта, дар он мазмун, моҳият ва унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур ба таври куллӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар раванди таҳқиқи масъалаи мавриди назар, муҳаққиқ қайд менамояд, ки вазъи маъмурӣ-ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои марказии илми ҳуқуқи маъмурӣ буда, унсурҳоеро дар бар мегирад, ки дар доираи фазои ҳуқуқии маъмурӣ ба роҳ мондани муносибати мақомоти давлатӣ бо иштирокчиёни дигари муносибатҳои ҳуқуқиро таъмин менамоянд. Аз ин лиҳоз, муҳаққиқ ба хулоса омадааст, ки мақомоти назди Президенти ҶТ ҳамчун мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ тибқи қонунгузорӣ дорои мақсад, вазифа, функсия ва салоҳияти муайяни худ мебошанд. Унсурҳои зикргардида иштироки мақомоти мазкурро дар муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ таъмин менамоянд. Бинобар ин, муҳаққиқ иброз менамояд, ки мақсад, вазифа, функсия, маҷмуи салоҳият ва унсурҳои сохторӣ-ташкилии мақомоти назди Президенти ҶТ унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкурро дар бар гирифта, бо меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ муқаррар гардида, асоси ташкил ва баамалбарории фаъолияти ин мақомот дар низоми идоракунии давлатӣ маҳсуб меёбанд.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф унсурҳои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ-ро дар алоҳидагӣ таҳлил намуда, онҳоро бо назардошти хусусияти ҳуқуқӣ, мақсади фаъолият, доираи амал ва хусусияти фаъолияти мақомоти мазкур таснифбандӣ намуда, ба таври низомнок мазмун ва моҳияти онҳоро таҳлилу баррасӣ намудааст.

Зербоби дуюми боби дуюм – **“Тарзҳои амалишавии вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”** унвон гирифта, асосан ба муайян намудани тарзҳои амалӣ гаридани вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти ҶТ равона гардидааст.

Муаллиф қайд менамояд, ки фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ ба идоракунии самтҳои гуногуни ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ равона гардидааст. Аз ин рӯ, шакл ва тарзҳои амалӣ намудани вазифа ва функсияҳои мақомоти мазкур аз якдигар фарқ мекунанд. Шакли амалисозии вазифа ва функсияҳо – ин шакли зоҳирии ифода гардиданиамалҳои идоракунӣ ё худ шакли зоҳирии амали мақомоти давлатӣ мебошад, ки дар доираи салоҳияти муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои расидан ба ҳадафҳои мақомоти давлатӣ равона гардида, оқибати муайяни ҳуқуқиро ба бор меорад. Тарзҳои амалӣ гардидани вазифа ва функсияҳои мақомоти мазкур бошанд, воситаҳоеро ифода мекунанд, ки истифодаи онҳо барои амалӣ гардидани шаклҳои амалисозии фаъолияти маъмурӣ мусоидат менамоянд. Ба ақидаи муаллиф, тарзҳои амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти ҶТ дар асоси низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, низоми санадҳои дохилиидоравии мақомоти мазкур (низомнома ва дастурамалҳо), нақшаҳо, барномаҳо ва вазифаҳои ба нақшагирифташуда ба амал бароварда мешаванд.

Диссертант таснифи тарзҳои амалӣ намудани вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти ҶТ-ро вобаста ба хусусияти таъсиррасонӣ, хусусияти функсия, доираи субъектон, хусусияти ҳуқуқӣ ва таъсиррасонӣ таснифбандӣ намуда, иброз менамояд, ки дар фаъолияти мақомоти назди Президенти ЉТ чунин усулҳо, ки таљассумгари раванди амалии идоракунии давлатӣ мебошанд, мавриди истифода қарор мегарданд: усули маҳдудсозӣ, усули маљбурсозӣ, усули танзимсозӣ, усули мушоҳидавӣ, усулҳои фаҳмондадиҳӣ ва ҳавасмандгардонӣ. Усулҳои амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти ҶТ вобаста ба вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур гуногун буда, ҳар як усул дар таҷрибаи мақоми алоҳида мавқеи назаррас дорад. Вале, усулҳои номбаргардидаи амалисозии вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти ҶТ табиати ягона дошта, новобаста аз вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти мазкур метавонад ба таври васеъ дар рафти баамалбарории фаъолияти онҳо истифода бурда шаванд.

Зербоби сеюми боби дуюм **“Самтҳои асосии такмили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”** номгузорӣ гардида, дар он таъкид мегардад, ки вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ яке аз категорияҳое мебошад, ки маҳз дар заминаи он мақоми давлатӣ ташкил гардида, тавассути унсурҳои он фаъолияти худро ба роҳ мемонад ва аз ин рӯ, механизми ташкилии он самаранокии кори худи давлатро таъмин менамояд.

Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ мавқеъ ва таъйиноти онҳоро дар низоми мақомоти ҳокимияти иљроия, салоҳият (ваколат) ва ҳамкории мақомоти мазкур бо дигар мақомоти давлатӣ ва институтҳои давлатию љамъиятӣ, ҳамчунин дигар масъалаҳоро, ки дар алоқамандӣ бо љойгоҳи онҳоро дар низоми идоракунии давлатӣ муайян менамояд. Бо назардошти ин, такмили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти

назди Президенти ҶТ-ро диссертант дар самтҳои: такмили асосҳои ҳуқуқӣ ва вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ; такмили мавқеи мақомоти назди Президенти ҶТ дар низоми мақомоти идоракунии давлатии (мақомоти иљроияи ҳокимияти давлатӣ) ҶТ; такмили шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ; такмили сохтории мақомоти назди Президенти ҶТ муайян намуда, дар рисола ба таври пурра шарҳу тавзеҳ додааст.

## ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионии вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

**1.** Мақомоти назди Президенти ҶТ аз ҷумлаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравaнд, ки дар фарқият аз дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бевосита аз ҷониби Президенти ҶТ таъсис ва барҳам дода шуда, ваколати онҳо самтҳои муҳимми ҳаёти давлатиро фаро гирифтаанд. Аввалин маротиба таъсис дода шудани мақомоти назди Президенти ҶТ дар фармони Президенти ҶТ "Дар бораи системаи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи ҶТ" аз 4 июли соли 2002, №853 муқаррар гардида, мафҳуми он дар ҳамин санади меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод гардида буд. Мутаассифона, бо қабули санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ ва зиёд гардидани шумораи мақомоти назди Президенти ҶТ мафҳуми он тағйир наёфта, айни замон дар Қонуни ҶТ "Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ" аз 16 апрели соли 2012, №828 муқаррар гардидааст, ки нисбатан мафҳуми маҳдуд мебошад. Бинобар ин, дар натиҷаи таҳқиқоти мазкур бо назардошти хусусиятҳои хоссаи мақомоти назди Президенти ҶТ мафҳуми васеи мақомоти мазкур пешниҳод карда шудааст. **[1-М]**

**2.** Бо назардошти махсусияти вазъи ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ ва таҳлилҳои гузаронидашуда, хусусиятҳои мақомоти назди Президенти ҶТ-ро ба таври зайл пешниҳод намудан мумкин аст: а) мақомоти назди Президенти ҶТ ҳамчун мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ба ҳисоб меравaнд; б) бевосита аз ҷониби Президенти ҶТ таъсис ва барҳам дода мешаванд; в) ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти мазкурро Президенти ҶТ ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод менамояд; г) низомнома ва сохтори мақомоти мазкур аз ҷониби Президенти ҶТ тасдиқ карда мешавад; ғ) вазифа ва функсияҳои махсуси худро доро мебошанд, ки дар низомномаи онҳо муқаррар гардидааст; д) ҳамчун мақоми марказӣ сохтор ва мақоми минтақавии худро доранд; е) бо мақсади амалӣ гардонидани функсияҳои худ ҳуқуқи қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқиро доранд; ё) дар доираи ваколатҳои худ функсияҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ, ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқмуҳофизаткуниро амалӣ менамоянд. **[5-М]**

3. Дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ маълум гардид, ки дар таҷрибаи ҶТ ду гурӯҳи мақомоти назди Президенти ҶТ мавҷуд мебошанд.

Мақомоти машваратӣ ва маслиҳатии назди Президенти ҶТ гурӯҳи дуюми мақомоти назди президентиро ташкил медиҳанд, лекин онҳо ба низоми "мақомоти назди Президенти ҶТ" дохил карда нашудаанд. Бо чунин хусусиятҳо онҳо ба низоми мақомоти назди Президенти ҶТ дохил намегарданд: а) мақомоти иҷроиявие мебошанд, ки функсияи идоракунии давлатиро надоранд, яъне мақоми идоракунии давлатӣ маҳсуб намеёбанд; б) ваколати ҳокимиятӣ надошта, ҳуқуқи қабул намудани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқиро низ надоранд; в) узви ин мақомот ба сифати хизматчии давлатӣ баромад намекунад; г) ташкил гардидани ин гуна мақомот бо заруратиҷалб намудани намояндагони ҷамъият барои омода ва иҷро намудани қарорҳои идоракунӣ алоқаманд мебошанд; ғ) бештари мақомоти машваратӣ ва маслиҳатии назди Президенти ҶТ аз ҷониби Президенти ҶТ роҳбарӣ карда мешавад; д) узви он кормандони сохторҳои гуногуни давлатӣ мебошанд. **[5-М]**

4. Мақомоти назди Президенти ҶТ бевосита аз ҷониби Президенти ҶТ таъсис дода мешаванд. Вале ин хусусият дар муайян намудани мавқеи мақомоти мазкур нисбат ба дигар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъсири амиқ намерасонад. Аз ин рӯ, мавқеъ ё худ ҷой мақомоти назди Президенти ҶТ дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ масъалаи ислоҳталаб буда, зарурати тағйири санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба бор меорад. Вобаста ба ин, таклифҳои зарурӣ пешниҳод карда шудаанд.

**5.** Дар таҷрибаи ҶТ пайдоиши ниҳоди мақомоти назди Президенти ҶТ бо соҳибистиқлол гардидани ҶТ, қабул гардидани Конститутсияи ҶТ ва ташаккули ниҳоди президентӣ дар ҶТ алоқамандии зич дорад. Зеро мақомоти мазкур тобеъ ва ҳисоботдиҳанда ба Президенти ҶТ мебошанд, ки дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ниҳоди президентӣ ва мақомоти тобеи он вуҷуд надоштанд. Танҳо дар ибтидои солҳои 90 асри XX ниҳоди президентӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ ва ҷумҳурияҳои аъзои он, аз ҷумла ҶШС Тоҷикистон пайдо гардид, вале ба сатҳи дахлдори ташаккул нарасида, барҳам дода шуд. Бо қабули Конститутсияи ҶТ вазъи ҳуқуқии Президенти ҶТ мустаҳкам гардида, дар ҳамин замина минбаъд ташаккули мақомоти назди Президенти ҶТ сурат гирифтааст. **[2-М]**

6. Раванди ташаккули мақомоти назди Президенти ҶТ-ро ба инобат гирифта, давраҳои зерини ташаккули онро ҷудо намудан мумкин аст: 1) аз соли 2002 то соли 2006 – дар ин давра бо қабул гардидани фармони Президенти ҶТ "Дар бораи системаи мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи ҶТ" аз 4 июли соли 2002, №853 бори аввал дар низоми мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ "мақомоти назди Президенти ҶТ" ҳамчун мақомоти тобеъ ва ҳисоботдиҳанда ба Президенти ҶТ таъсис дода шуд; 2) аз соли 2006 то соли 2013 – ин давра бо қабули "Стратегияи ислоҳоти системаи идоракунии давлатии ҶТ" аз 15 марти соли 2006, №1713 оғоз мегардад. Бо мақсади амалӣ гардидани ҳадафҳои Стратегияи мазкур фармони Президенти ҶТ "Дар бораи такмили сохтори мақомоти марказии

ҳокимияти иҷроияи ҶТ” 30 ноябри соли 2006, №9 қабул шуд, ки боиси барҳам додани қисми зиёди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ гардид. Минбаъд, бо ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармони мазкур дар низоми мақомоти назди Президенти ҶТ мақомоти алоҳидаи иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ташкил гардиданд. Санади дигаре, ки дар ин давра қабул гардид ва то имрӯз дар танзими вазъи ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ нақши муҳим мебозад, ин Қонуни ҶТ “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ” аз 16 апрели соли 2012, №828 мебошад. Аз ин лиҳоз, давраи дуюми ташаккули мақомоти назди Президенти ҶТ-ро давраи васеъ ва муҳимми рушди мақомоти мазкур эътироф намудан мумкин аст; 3) аз соли 2013 то инҷониб – даврае, ки Президенти ҶТ тавассути фармони худ “Дар бораи сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ҶТ” аз 19 ноябри соли 2013, №12 низоминави мақомоти назди Президенти ҶТ-ро муқаррар намудааст ва то ба ҳол такмили ин низом идома дорад. **[2-М]**

7. Мақомоти назди Президенти ҶТ вобаста ба таъйинот ва самти фаъолияти худ дар шаклҳои гуногуни ташкилӣ-ҳуқуқӣ таъсис дода шудаанд. Шакли ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ масъалае мебошад, ки дар муқаррар намудани таъйинот ва функсияи мақомоти мазкур нақши асосӣ мебозад. Аз ин рӯ, бо мақсади такмиливазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ дар ин самт таклифҳои дахлдор пешниҳод карда шудаанд.

**8.** Бинобар он ки самти фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлатӣ ва шаклҳои гуногуни фаъолияти давлатро дар бар мегиранд, асосҳои меъёрии ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти мақомоти мазкур низ гуногун мебошанд. Дар онҳо мақсад, вазифа, салоҳият, функсия ва принсипҳои таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ инъикос гардидаанд. Вале, дар муқаррароти қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти мақомоти мақомоти назди Президенти ҶТ баъзе масъалаҳои ислоҳталаб ба назар мерасанд, ки вобаста ба такмили онҳо таклифу тавсияҳои дахлдор пешниҳод карда шудаанд. **[8-М]**

9. Бо назардошти хусусияти мақомоти назди Президенти ҶТ-ро таснифбандии зерини онҳо пешниҳод мегардад: а) вобаста ба шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ (шуро, кумита, агентӣ); б) вобаста ба тарзи қабули қарорҳо (шакли яккасардорӣ ва шакли дастаҷамъӣ); в) вобаста ба таъйинот (мақомоти идоракунии давлатӣ; мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; ва мақомоти машваратии назди Президенти ҶТ); г) вобаста ба эътибори ҳуқуқии қарорҳои қабулнамуда (мақомоте, ки функсияи ҳуқуқэҷодкунӣ доранд (кумита ва агентиҳои назди Президенти ҶТ) ва мақомоте, ки функсияи ҳуқуқэҷодкунӣ надоранд (Шурои амнияти ҶТ); ғ) вобаста ба функсия (мақомоте, ки функсияи назоратӣ доранд; мақомоте, ки функсияи иҷроиявӣ-амрдиҳандагӣ доранд; мақомоте, ки функсияи хизматрасонии давлатиро ба амал мебароранд; мақомоте, ки функсияи ҳамоҳангсозиро амалӣ менамоянд); д) вобаста ба табиати ҳуқуқии салоҳият (мақомоти

салоҳияти соҳавӣ дошта (Агентии хизмати давлатии назди Президенти ҶТ); мақомоти салоҳияти байнисоҳавӣ дошта (Кумитаи рушди маҳали назди Президенти ҶТ ва Агентии омори назди Президенти ҶТ); мақомоти салоҳияти махсусдошта (Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ ва Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти ҶТ); мақомоти салоҳияти омехта дошта (байнисоҳавӣ ва махсус – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ). **[4-М]**

10. Мақомоти назди Президенти ҶТ дорои вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии ба худ хос мебошанд. Вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ – ин мақсад, вазифа, салоҳият, ваколат ва дигар унсурҳои сохторӣ-ташкилии мақомоти назди Президенти ҶТ-ро меноманд, ки бо меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ муқаррар гардида, асоси ташкил ва баамалбарории фаъолияти ин мақомотро ташкил медиҳанд.

11. Бинобар он ки мақомоти назди Президенти ҶТ функсияҳои гуногунро амалӣ менамоянд, муайян намудани табиати ҳуқуқии салоҳияти онҳо мураккаб мебошад. Аз ин рӯ, дар диссертатсия исбот гардидааст, ки мақомоти назди Президенти ҶТ мақомоти салоҳияти омехтадошта ба ҳисоб меравАнд, ки зери он салоҳияти соҳавӣ, байнисоҳавӣ ва махсуси мақомоти мазкурро фаҳмидан мумкин аст.

12. Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба масъалаи усулҳои амалӣ гардидани вазифа ва функсияҳои мақомоти назди Президенти ҶТ диққат дода шудааст. Дар натиҷаи таҳлили адабиёти ҳуқуқӣ таснифоти усулҳои баамалбарории фаъолияти маъмурӣ ва намудҳои паҳнгардидаи усулҳои амалисозии фаъолияти маъмурӣ, ки дар таҷрибаи мақомоти назди Президенти ҶТ бо мақсади амалӣ намудани мақсад, вазифа ва функсияи онҳо истифода мегарданд, пешниҳод карда шуда, мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

13. Вобаста ба масъалаи самтҳои асосии такмили вазъи маъмурӣ-ҳуқуқии мақомоти назди Президенти ҶТ чор самти муҳимми рушди мақомоти мазкур муайян гардида, ҷиҳат такмили минбаъдаи онҳо таклифу пешниҳодҳои зарурӣ манзур карда шуданд.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Дар заминаи таҳқиқоти илмии анҷомпазируфта ва натиҷагирӣ аз он барои такмили қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти мақомоти назди Президенти ҶТ чунин тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд:

– дар қ. 1 м. 14 Қонуни ҶТ “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ” калимаҳои “сардор ё директор” ба калимаҳои “раис ва ё директор” иваз карда шаванд; **[8-М]**

– дар қ. 3 м. 14 Қонуни ҶТ “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ” меъёри зерин илова карда шавад: “Роҳбари мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси фармон ва муовини якум,

муовинони роҳбари мақоми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод мегарданд” **[5-М]**

– дар Қонуни ҶТ “Дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо” аз 10 декабри соли 1999, №873, моддаи 3(1) бо мазмуни зерин илова карда шавад: “Принсипҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо”. Дар моддаи мазкур принсипҳои зерин муқаррар карда шаванд: қонуният ва волоияти қонун, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ошкорбаёнӣ, шаффофият, мустақилият, идоракунии яккасардорӣ, илмият, ғайриҳизбӣ; **[6-М]**

– дар м. 2 Қонуни ҶТ “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ” аз 16 апрели соли 2012, № 828 мафҳуми расмии “агентӣ” ва “хадамот” ҳамчун шакли ташкилӣ-ҳуқуқии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ чунин муқаррар карда шаванд:

а) Агентӣ – ин шакли ташкилии мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки функсияи расонидани хизматрасонии давлатӣ, идоракунии амволи давлатӣ ва дигар функсияҳои ҳуқуқтатбиққуниро дар соҳаи муайянгардидаи фаъолият ба амал мебарорад;

б) Хадамот – ин шакли ташкилии мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки функсияҳои назоратӣ ва ҳуқуқмуҳофизавиро дар соҳаи муайянгардидаи фаъолият ба амал мебарорад;

– мувофиқи мақсад мебошад, ки мақомоти назди Президенти ҶТ, ки амаликунандаи назорати давлатӣ мебошанд – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ дар шакли ташкилии “хадамот” табдил дода шаванд;

– номгузории Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ дар шакли зерин муқаррар карда шавад: “Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”;

– дар сархати дуюми б. 1 Низомномаи Шурои амнияти ҶТ муқаррароти “Шурои амният мақоми конститутсионии...” ба ифодаи зерин иваз карда шавад: “Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми конститутсионӣ ва машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон...”; **[5-М]**

– дар зербанди “в” б. 23 Низомномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти ҶТ муқаррароти “соле ду маротиба (20 июли соли ҳисоботӣ ва 20 январи соли оянда)” ба ифодаи “соле ду маротиба (20 июли соли ҳисоботӣ ва 20 январи соли оянда) ба мақомоти омор маълумоти ҷамъбастии оморӣ пешниҳод менамояд” иваз карда шавад; **[5-М]**

– фармони Президенти ҶТ “Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки тавассути он

низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ муқаррар карда мешавад, минбаъд “Дар бораи такмили низом ва сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” номгузорӣ карда шавад;

– аз б. 5 м. 5 Қонуни ҶТ “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ” матни “мақомоти машваратӣ ва маслиҳатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” бардошта шуда, дар фармони Президенти ҶТ “Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ҶТ” пас аз “Мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” муқаррар карда шавад;

– дар фармони Президенти ҶТ “Дар бораи такмили сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ҶТ” аз 19 ноябри соли 2013, №12 сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи ҶТ дар шакли зерин муқаррар карда шавад. 1) Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2) Вазоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон; 3) Кумитаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 4) Мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; 5) Мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; 6) Мақомоти маслиҳатӣ ва машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– дар б. 10 боби 1 ва б. 20 Низомномаи Агентии омори назди Президенти ҶТ калимаи “фармон” бо калимаи “фармоиш” иваз карда шавад; **[8-М]**

– мафҳуми низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия дар м. 2 Қонуни ҶТ “Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии ҶТ” дар таҳрири нав чунин муқаррар карда шавад: “низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ – маҷмуи мақомоте мебошанд, ки функсияҳои идоракунии давлатиро мустақилона ва дар ҳамкории мутақобила татбиқ намуда, ба мақомоти иҷроияи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тақсим мешаванд”;

– б. 2 боби 1 “Низомномаи ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия” (бо забони давлатӣ) аз 25 ноябри соли2015, №587 дар таҳрири зерин муқаррар карда шавад: «Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия дар асоси Конститутсияи ҶТ, қонунҳои ҶТ “Дар бораи муқовимат бо коррупсия”, “Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ”, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти мубориза бо коррупсия, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст ва Низомномаи мазкур анҷом дода мешавад»;

– дар сархати охири б. 7 боби 2 Низомномаи Агентии хизмати давлатии назди Президенти ҶТ муқаррар карда шавад, ки “вазифаҳои дигареро, ки қонунгузорӣ муқаррар менамоянд”;

– қ. 2 м. 7 Қонуни ҶТ “Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” дар таҳрири нав ба тариқи зайл пешниҳод мегардад: “Шахсони ҳуқуқие, ки ба нақшаи идоракунӣ ва номгӯи ташкилотҳои вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ,

мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, инчунин мақомоти машваратӣ ва маслиҳатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти ҳуқуқэҷодкунӣ намебошанд”.

– б. 6 боби 2 Низомномаи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ дар хусуси ваколати директори Агентӣ оид ба қабул намудани санади меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботи м. 13 Қонуни ҶТ “Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ” мувофиқ карда шуда, калимаи “фармонҳои” ба калимаи “фармоишҳои” иваз карда шавад.

## РӮЙХАТИ НАШРИЁТИ УНВОНҶӮИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ:

### I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:

**[1-М]** Изатуллозода, П.Н. Понятия и признаки органов при Президенте Республики Таджикистан [Текст] / П.Н. Изатуллозода //Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2020. – №4/1 (48). – С. 155-160.

**[2-М]** Изатуллозода, П.Н. Асосҳои таърихӣ-ҳуқуқии ташаккули мақомоти наздипрезидентӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2021. -– № 2 (34). – С.164-177.

**[3-М]** Изатуллозода, П.Н. Асосҳои таърихӣ-ҳуқуқии ташаккули Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2021. – №3 (23). – С. 67-75.

**[4-М]** Изатуллозода, П.Н. Таснифи мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2021. – №4/1 (53). – С. 156-163.

**[5-М]** Изатуллозода, П.Н. Хусусиятҳои таъсис ва фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / А.Д. Ғафурзода, П.Н. Изатуллозода // Идоракунии давлатӣ. – Душанбе, 2022. – №2. – С. 122-130.

### II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шудаанд:

**[6-М]** Изатуллозода, П.Н. Принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ: таърихи пайдоиш ва аҳаммияти он. [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Конференсияи илмӣ-назариявӣ таҳти унвони "Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ" дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – С. 84-94.

**[7-М]** Изатуллозода, П.Н. Касбият ва салоҳиятнокии хизматчиёни давлатӣ ҳамчун принсипи таъминоти кадрӣ дар мақомоти давлатӣ. [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони "Масъалаҳои муҳимми идоракунии давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ дар шароити татбиқи ҳукумати электронӣ" дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2020. – С. 313-316.

**[8-М]** Изатуллозода, П.Н. Нормативно-правовые основы организации и деятельности органов при Президенте Республики Таджикистан [Текст] / П.Н. Изатуллозода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-назаривӣ "Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: моделҳои муосири самаранокии он" дар Академияи идоракунии

давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 280-287.

**[9-М]** Изатуллозода, П.Н. Асосҳои таърихӣ-ҳуқуқии ташаккули Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Конференсияи ҷумҳуривии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Иштироки ҷавонон дар идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ” дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 124-128.

**[10-М]** Изатуллозода, П.Н. Принсипҳои конститутсионӣ ва нақши онҳо дар ташкил ва баамалбарории фаъолияти мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ таҳти унвони “Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи сиёсати хориҷӣ” дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Душанбе, 2021. – С. 74-92.

**[11-М]** Изатуллозода, П.Н. Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат бо коррупсия [Матн] / П.Н. Изатуллозода // Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон ва рӯзи байналмилалиии муқовимат бо коррупсия таҳти унвони “Ҳуқуқи инсон дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо” дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. – С. 472-483.

**[12-М]** Изатуллозода, П.Н. Асосҳои ҳуқуқӣ ва давраҳои ташаккули Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / П.Н. Изатуллозода, М.Р. Каримов // Маводҳои Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ таҳти унвони “Масоили мубрами мурофиаи маъмурӣ: мушкилот дурнамо ва роҳҳои ҳалли он” дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. – С. 85-93.

**АКАДЕМИЯ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

**На правах рукописи**

УДК: 342.51 (575.3)
ББК: 67.99 (2Т)
И - 32

**ИЗАТУЛЛОЗОДА ПАЙРАВИ НУСРАТУЛЛО**

# АДМИНИСТРАТИВНО-ПРАВОВОЙ СТАТУС ОРГАНОВ ПРИ ПРЕЗИДЕНТЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

**АВТОРЕФЕРАТ**

диссертации для соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.14. – административное право; административно-процессуальное право

**ДУШАНБЕ – 2023**

Диссертация выполнена на кафедре административного права и государственной службы факультета государственного управления Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан.

**Научный руководитель:** **Гафурзода Абдухалил Давлатали** – доктор юридических наук, профессор, Ректор Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан

**Официальные оппоненты:** **Диноршох Азиз Мусо** – доктор юридических наук, профессор, первый заместитель, заместитель исполнительного директора по науке, инновациям и международному сотрудничеству филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе

**Каримов Хусейн Мухторович** – кандидат юридических наук, доцент кафедры экономического, финансового и антикоррупционного права Таджикского государственного финансово-экономического университета

**Ведущее учреждение:** Государственное учреждение высшего образования **“Таджикский государственный университет право, бизнеса и политики”** (Согдийская область, город Худжанд)

Защита диссертации состоится «28» апреля 2023 года в 10:30 часов на заседании Диссертационного совета 6D.КОА-044 при Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан (года Душанбе, ул. С. Насира, 33, зал Диссертационного совета Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан).

С диссертацией можно ознакомиться в библиотеке и на официальном сайте Академии государственного управления при Президенте Республики Таджикистан www.apa.tj

Автореферат разослан «______»____________2023 года.

**Ученый секретарь диссертационного совета**
**кандидат юридических наук, доцент** **Рустамзода Д.Ю.**

# ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** Принятие Конституции РТ открыло новую страницу развития страны и повлекло за собой коренные изменения во всех государственных и общественных сферах республики. Как отмечает Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон:
«Основной закон был принят по воле народа страны и определил структуру новой государственности таджиков как демократического, правового и светского государства» [1].

Конституция РТ заложила собой правовую основу для формирования новой системы государственной власти и развития института президентства в РТ. Конституция РТ признала Президента РТ главой государства и исполнительной власти (Правительства). ПоэтомуПрезидент РТ занимает важное место в системе государственной власти страны. Статус и роль Президента РТ в обеспечении развития и стабильности соответствующих государственно-общественных сфер имеют важное значение и в соответствии с требованиями Конституции страныПрезидент признаётся как защитник Конституции и законов, прав и свобод человека и гражданина, гарант национальной независимости, единства и территориальной целостности, преемственности и долговечности государства, упорядоченности деятельности государственных органов и их сотрудничества.

Объявление о создании демократического, правового, светского и суверенного государства в Конституции РТ, а также признание ее положениями прав и свобод личности в качестве высшей ценности требует от соответствующих государственных органов принятия эффективных мер с целью защиты, соблюдения и обеспечения прав и свобод человека и гражданина, обеспечения верховенства закона, укрепления законности и правопорядка в обществе и создания механизма реальных гарантий их обеспечения[2]. В связи с принятием Конституции РТ и развитием института президентства, исполнительная власть страны формировалась в относительно новой форме, а для ее реализации разрабатывались и осуществлялись различные меры. Одним из органов, который имеет непосредственное отношение к формированию института президентства, а также новому устройству исполнительной власти в РТ, является органы при Президенте РТ. Организация такого органа в системе исполнительного органа государственной власти считается относительно новым явлением, поскольку ранее в практике деятельности органов исполнительной власти Таджикистана отсутствовал опыт организации и деятельности таких органов. В этом контексте, организация органов при Президенте РТ является новой формой органов государственного управления в системе исполнительных органов государственной власти страны, и они

---

[1] Послание Президента РТ уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли РТ от 23 апреля 2014 года, город Душанбе. – Источник доступа: http://www.president.tj/node/194 (дата обращения: 16.11.2022).
[2] Послание Президента РТ уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли РТ от 4 апреля 2003 года, город Душанбе. – Источник доступа: http://www.president.tj/node/194 (дата обращения: 16.11.2022).

отличаются от других органов государственного управления своим содержанием, сущностью и правовым статусом.

Органы при Президенте РТ занимают особое место в системе исполнительных органов государственной власти РТ, возможность участия в которой для органов при Президенте РТ связано с административно-правовым статусом данных органов. Административно-правовой статус органов при Президенте РТ позволяет определить их место и назначение в системе исполнительных органов государственной власти, в частности органов государственного управления, и их участия в отношениях и административно-правовом пространстве. Органы при Президенте РТ в рамках своего административно-правового сатуса, реализуют задачи путем осуществления установленных полномочий в соответствующих сферах, выполняют положений законодательства посредством административно-правовых механизмов, защищают и охраняют права и интересы граждан, сотрудничают с другими государственными органами, государственными и общественными институтами и в целом, обеспечивают реализацию государственной политики в соответствующих сферах.

